# Бобо Хоҷӣ

# Қарсак аз ду даст

# Бобо Ҳоҷӣ

# Ҳарсак аз ду даст

ИНВ-84

48554

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

Нашриёти «Ирфон»
Душанбе 1981.

Тоҷик 2
Х 88

**Ҳоҷӣ, Бобо.**

Х 88 Қарсак аз ду даст.— Душанбе: Ирфон, 1981.

112 с.

Хаҷв дар эҷодиёти Бобо Ҳоҷӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Масал, ҳазл, назира ва эпиграммаҳои нишонрасу обдори ӯ симои хушомадгӯён, пораҳӯрон ва ҳатулкоронро фош намуда, ба хонанда завқу ҳаловати хосса мебахшанд.

**Ходжи, Бобо.**

Услуга за услугу.

Х $\frac{70403-105}{М 501 (13)-81}$ 92—81 **Тоҷик 2**

© Нашриёти «Ирфон», 1981.

## ХУШХОНӢ КУНЕМ

Хандаю ҳазл — ду ёри дерин
Умр бе ин ду набошад ширин.
Ҳар киро ин ду бувад гар ба ниҳод
Гули умраш ҳама дам хуррам бод.
Ханда бар умри касон афзояд,
Пирро гашта ҷавон бинмояд.
Хонаро равшану маъмур кунад,
Лашкари дарду алам дур кунад.
Манзиле ки ҳама хандон бошад,
Шодию лутф фаровон бошад,
Бахту давлат бувад он ҷо пайваст,
Гӯшаи боғи биҳишти абад аст.
Волаю бандаи онам, ки мудом
Аз табассум бувад ӯро пур ҷом,
Шӯху ширингапу ҳаззол бувад,
Бозпешонӣ ҳама сол бувад.
Ба ҳама каҷравии ҷархи куҳан
Нахурад ғусса ба қадри арзан.
Пас биёед, ки хушхонӣ кунем,
Арзани ин ҳунар арзонӣ кунем.
Бинамоем чу Боқӣ-устод
Рӯҳи Мушфиқию Зоконӣ шод.

## ДАСТ ДАСТРО МЕШӮЯД

Алӣ Валиро мекунад таъриф,
Мегӯяд:— рост аст ӯ мисли алиф.

Валӣ бо савти хоссаи худ
Дар васфи Алӣ сарояд суруд.
Алӣ гӯяд:— Ҷони одам Валӣ,
Валӣ гӯяд:— Қони карам Алӣ.
Алӣ гӯяд:— Валӣ ҷавонмард аст,
Валӣ гӯяд:— Дар сидқ Алӣ фард аст.
Ин ҳар ҷо онро сано мегӯяд.
Он инро зару тило мегӯяд.
Номи якдигар гиранд бар забон,
Асал мечакад аз даҳонашон.

Чунки солиёни дуру дароз
Алию Валӣ — ин ду ҳуққабоз
Дар ду идора фармонравоянд,
Лозим ба ҳам чун обу ҳавоянд.

## СОЛНОМА

*(Масал)*

Аз қадим айём байни хосу ом
Ин ривоят то кунун дорад давом:
Ҷонварони рӯи олам як замон
Ҷамъ гашта дар яке дашти калон,
Машварат бинмудаанд он ҷо бапо,
Сар кунанд аз кӣ шумори солро?
Гов бас ки дар миёни ҷонварон
Будааст андар тану ҷусса калон,
(Говро гӯянд, дар тозӣ бақар)
Хостанд аз он мучал созанд сар.
Зери поҳо муш истода хамӯш,
Як ба як ин гуфтугӯ кардаст гӯш.
Ҳеҷ кӣ бар ӯ надодаст эътибор,
Тохта бар гов гаштаст ӯ савор.

Ҷонварон аз ин ҷасорат бегумон
Бурдаанд ангушти ҳайрат бар даҳон.
— Боракалло!—
гуфта мидҳат кардаанд,
Мушро садри раёсат кардаанд.
Пас ҳама бинмудаанд ин сон қарор.
«Солнома баъд аз ин дар рӯзгор
Сар шавад бояд зи муши номвар,
Баъди он аз гов, яъне аз бақар».

Лаҳзае бар пушти хар бо ресмон
Баста дидам корвони уштурон,
Ин ривоят худ ба худ омад ба ёд,
Булъаҷаб бозичаҳо дорад ҳаёт!

## БА ХОКИ ПОИ ТУ ЗОР ШАВАД

Хор он ки туро намуд, худ хор шавад
Бар дарду балои бад гирифтор шавад,
Як умр ба хоки пои ту зор шавад,
Чун мӯи ту рӯзаш сияҳ, э ёр, шавад.

Ку хандаю ку табассуми ширинат?
Ку ҳусну ҷавониҳои пеш аз инат?
Ку қомати сарву кокули мушкинат?
Ғоратгари бахти ту нагунсор шавад.

Онро, ки ту мард гуфтӣ, номард будаст,
Маҷмуи ҳама гуна ғаму дард будаст.
Дар муттаҳамию ҷоҳилӣ фард будаст,
Номард чи сон ёри вафодор шавад?

Руста ба мисоли алафи гандадарав,
Аз баҳри хароши дилу ҷонҳост қашав.

Дар сурати одам асту дар сирати гав.
Полон пӯшад, маркаби тайёр шавад.

Ҳар ҷой, ки ин зоти махуф пой ниҳод,
Он ҷо шавад, албатта, хароб аз буньёд.
Эълон бикунем дигаронро, ки мабод
Ин қиссаи талх боз такрор шавад.

Гулзор хазон нагардад аз мақдами зоғ,
Дар нашъунамо шавад туро аз нав боғ.
Пас ашк марезону машав сарддимоғ.
Даврони ҳабиби мо мададгор шавад.

Хор он ки туро намуд, худ хор шавад,
Бар дарду балои бад гирифтор шавад.
Як умр ба хоки пои ту зор шавад.
Чун зулфи ту рӯяш сиёҳ, э ёр, шавад.

## ҲАКАМ

*(Масал)*

Ба девони нави ашъори булбул
Муҳаррир зоғ шуд бо амри сулсул.
Дар он ҷое, ки буд ҳарфи «гул»-у «боғ»
Бадал бинмуд бар «барф»-у ба «янтоқ».
Хати батлон зада бар «ишқ»-у «насрин»,
Навишт ӯ ҷои онҳо «кирм»-у «саргин».
Сипас тақризи кӯри бум баромад,
Пас аз бисьёр эроду маломат,
Китоби шеърҳоро карда маҳкум,
Чунин овардааст ин махлуқи шум:
«Бас аст акнун сурудан достонҳо
Ба васфи боғҳою бӯстонҳо.

Расида вақт мушонро сароем,
Сифат вайроначоҳоро намоем!»

Шавад баъзан дар олам булъачаб кор:
Ҳакам гарданд зоғу бум ба ашъор.

## КОНКУРС

*(Масал)*

Хирси пашмин бо мурури рӯзгор
Шоҳи ҷонварҳо бишуд дар бешазор.
Чун асалро дӯст медошт он зиёд,
Фавран эълон кард конкурси кушод:
Ҳар кӣ бар вай бештар орад асал,
Соҳиби инъом гардад, филмасал.
Монда дигар корҳоро як тараф
Ҷонварон карданд вақти худ талаф,
То ки афзунтар асал пайдо кунанд,
Хизмати Шаҳ-Хирсро иҷро кунанд.
Рӯбаҳи ланг аз дигарҳо пештар
Баст чолокона аз сад ҷо камар.
Рӯзу шаб бар гирди орухонаҳо
Гашта мепартофт дому донаҳо.
Бештар пур карда бо макру ҳиял,
Қуттиҳоро холӣ мекард аз асал.
(Дар кашондан баски Рӯбаҳ ланг буд,
Ҷӯрааш Хар ёрдамҳо менамуд)
Оқибат бисьёр асал андӯхт ӯ,
Тухми оруро тамоман сӯхт ӯ.
Кард бар конкурс асалро пешкаш,
Соҳиби якум мукофот ӯ бигашт.
Номи Рӯбаҳ байрақи ҳар кор шуд,
Гашта аълам, маҳрами дарбор шуд.

Миш-миш аст андар миёни ҷонварон,
Ки шавад Хар ҳам ба ин зудӣ калон.

Хирс агар дар беша гардад подшоҳ.
Рӯбаҳ — аълам, Хар шавад соҳибкулоҳ.

## ҚИССАИ ТЕЛЕФОН

Хонадоне чанд баъди ғеҷу дав
Кӯч бинмуданд бар ҳавлии нав:
Сартарошу шоиру дӯконмудир,
Куҳнадӯзу ошпаз, пенсионер.
Пас ариза аз барои телефон
Ҷумла биспурданд андар як замон.
Лек соҳибтелефон, чун муқтадир,
Аз ҳама аввал бишуд дӯконмудир.
Баъд аз он бар ошпаз навбат фитод,
Эҳтимол, оши баравған кор дод.
Бо кадомин роҳи бар мо нопадид
Куҳнадӯзак низ бар мақсад расид.
Хирмани саъю ҳунарро дода чош,
Шуд телефондор ҳатто сартарош.
Бе телефон, зору ҳайрон, чун сағир,
Монда танҳо шоиру пенсионер...
Баҳри ин ду гӯиё дар бастааст,
Ин муаммо то кунун сарбастааст.
Ё АТС шаҳри бедарвоза аст,
Ё ки нимкоса ба зери коса аст.

## НИШАЛЛО

Нишалло улфати ширинмақолу банда мамнунам,
Нишалло луъбати фархундафолу банда
мафтунам,

Нишалло лаълу ганчи бемисолу банда Қорунам,
«Нишалло Лайлии соҳибчамолу банда Мачнунам».

Ва ё гӯӣ бувад он офтобу ман замин ҳастам,
Ба гирдаш чархзан парвонаи мискин барин ҳастам
Ба ёдаш бо сафедиҳои олам ҳамнишин ҳастам,
Ҳамеша дар фироқаш ташнаю зору ҳазин ҳастам.

Варо ҳар сол ман танҳо ба вакти рӯза мебинам,
Ба чои он фузун ҳар чо шаробу бӯза мебинам,
Ба дасти тӯда ҳаннотони ишкамкӯза мебинам,
Фачу бемазза чун баъзе гапу маърӯза мебинам.

Бинозам серкору камтараддуд аҳли савдоро,
Фаровон кардаанд анвои қанду қурсу ҳалворо.
Фақат холӣ бувад дар байни онҳо чо нишаллоро,
Ачаб не, ҳал кунад Савдо Вазорат ин муамморо.

Нишалло баҳри халқи мо азизу суннату хос аст,
Ба мо аз модари таърих раҳоварду мерос аст.
Фаромӯш кардан онро бесабаб нохубу нотсоз аст,
Ба Хорпушт-амак ин шеъри мо аз рӯи ихлос аст.

## СЕ СОАТУ ЧОР

*(Бар вазни «Гурбӣ-гурбӣ»)*

Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор,
Бикунад раҳбари мо дар мизи худ хур-хури-хур,
Мани бечора зи беруни дараш кур-кури-кур
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.
Хостам то ки дараш боз кунам ман-мани-ман,

Котибаш тохт ба сӯям, ки кунад зан-зани-зан
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.
Дар ба сад ҳила задам
то накунад тақ-тақи-тақ,
Дохили хона шудам гӯшкунон вақ-вақи-вақ
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.
Мушт бардошт, ки фавран кунадам ҳай-ҳаи ҳай,
Рафтаму чарх задам гирди сари вай-ваи-вай
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.
Гуфтам: —
Эй роҳбар, имзо бикун ин хат-хати-хат
Варна аҳволи мани зор шавад бад-бади-бад
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.
Гуфт бо қаҳр:— Намебинӣ, кунам хур-хури-хур,
Худи ҳозир бишав аз назарам дур-дури-дур
Як соату ду соату се соату чор,
Се соату чор, се соату чор.

## САРВ

Як ҳафта фақат шамолу боронгарӣ шуд,
Аз бори гарон дарахтҳо ҳам гаштанд.
Андар сари кӯҳ тоқа сарве меруст,
Чун қадди нигори тоҷик озоду баланд.

Борону шамол хостанд ин ки варо
Маҷбур кунанд то намояд таъзим.
Аммо сари худро нанамуд он хам хеч,
Ин шева ба сарв хос бошад зи қадим.

Ногоҳ зи зарбати шамолу борон
Қанда шуда аз бех ба ҷарӣ афтод...

Марг аст ба сарви нозанин авлотар
Аз он ки кунад саҷда ба борону ба бод.

## АЙНИ МУДДАО ШУД

Раиси мо балои ҷони мо шуд,
Ба дарди худписандӣ мубтало шуд.
Тамоман карда гум шарму ҳаёро,
Қабеҳалфозу аждариштиҳо шуд.
Ба чапдастону куздон ҳамтабақ гашт,
Шабу рӯз аз паи кайфу сафо шуд.
Дар илму маърифат мисли хари ланг,
Ба лофу ман-манӣ машқаш расо шуд.
Ба мисли хор шуд дар дида носоз,
Саробӯстони моро гандано шуд.
Ҳар он ки дошт номус оқибат рафт,
Аз ин рӯ дабба ҷамъи корҳо шуд.
Дар охир кафши ӯро пеш монданд,
Аҷаб шуд,
гум шуд, айни муддао шуд.

## ҲАШАРИ МУШОН

Ҳосили ғалла, зи ҷав то лӯбиё
Шуд фузун имсол дар колхози мо.
Тангӣ кард анбор.
Бо азму субот
Сохтанд анбори нав аҳли деҳот.

Лек мушон гашта аз ин бохабар
Бар «ҳашар» бастанд бо тезӣ камар.
Гӯшҳоро бурда чун халта ба кор,
Мекашониданд донро мокувор.

Ғаллае, ки деҳқон соли дароз
Парвариш карди ба сад нозу ниёз
Шуд пас аз як ҳафта дар анбор ним,
Лашкари мушони деҳро гашт ем.

Гурбаҳо чӣ?
Гурбаҳо хуфта ба пушт,
Посбонӣ мекунанд анбори гӯшт.

## БАБРИ ТАҚЛИДКОР

Бидида баброо дар нимаи роҳ,
Бигуфто шер:— Эй ёри дилогоҳ,
Ман аз як кори ту андар шигифтам,
Қанор аз ин сабаб худро гирифтам.
Ту, ки ғурранда будӣ дар кӯҳистон,
Чаро мав-мав кунӣ дар шаҳр алъон?
Ҷавобаш дод бабри содда ин тарз:
Туро ҳам ин усул бояд шавад дарс.
Қалон гардид гурба дар Вазорат,
Аз ӯ бояд, ки мо гирем ибрат!

## ҚУЛЛА

*(Масал)*

Дар сари кӯҳ асрҳои дароз
Ошьён буд бар уқобу боз.
Чун гувоҳи куҳанзамон, хунсард
Ба ҳама кори деҳ назар мекард.
Дошт гарчи басавлат арзи вуҷуд.
З-он ба кас не зиён, на суде буд.
Баски ҳамдӯши моҳу анҷум буд,

Ҳайратафзо ба чашми мардум буд.
Бо мурури замону вақти зиёд
Аз дами жолаю тагарку бод
Қуллаи дастнорасу мағрур
Кач шуда аз дарун бирафт футур.
Мардум акнун на бо дили хурсанд,—
Бо ҳарос аз бараш гузар созанд.
Дилашон медиҳад гувоҳӣ мудом,
Ки фитад он ба сар ба ноҳангом.

Мурғи давлат шавад чу бо ту ёр,
Шавӣ чун қулла,
гӯши ҳуш бидор:
Қӯш халқ аз ту рӯ нагардонад,
Номи некат дар ин ҷаҳон монад.

## МАЗОРИ ҒАМФИЗО

Дар ин даргаҳ, дар ин хона,
Дар ин маъвои шоҳона
Тамоми чизу сарват ҳаст,
Тамоми нозу неъмат ҳаст,
Ҳама шарту шароит ҳаст,
Ҳама назму қавоид ҳаст.
Зи тифли ширхора то
Ҷавону пир дар ин ҷо
Ба ҷуз аз хона то мабраз
Пиёда менагардад кас.
Агар дар сӯҳбати онон
Шинӣ як дам, шавӣ ҳайрон.
Ҳамеша гап зананд аз пул,
Зи қолинҳои Истамбул,
Зи космос, атласу шоҳӣ,
Зи рони кабку гулмоҳӣ,

Зи нархи кӯчаю бозор,
Зи лаълу дурру тилловор.
Ба ҷуз инҳо дигар гап нест,
Дигар имону мазҳаб нест.
Дигар шуғлу таманно нест,
Дигар дуньёю уқбо нест.
Садои ханда аз ин дар
Шунида кай шавад. Аксар
Ба гӯш ояд ба ҷои он
Садои гирьяю афғон,
Садои таънаю таҳқир,
Ҳақоратҳои беохир.
Ба оби дидаи занҳо
Тавон кард оббозиҳо...
Гумон созӣ ту ин даргоҳ
Ки нур он ҷо наёбад роҳ
Мазори ғамфизо бошад,
Ва ё мотамсаро бошад.

## ДУ ҚАРА ДУ...

*(Намунаи шеъри Таваккал Ғалатӣ)*

Ду кара ду бувад чор
Мӯрча хурд аст аз қучқор.
Аз осмон борад борон,
Дар замин рӯяд торон.
Дароз аст пои лаклак,
Сагҳо мезананд ак-ак,
Лойхӯрак лой мехӯрад,
Лой нахӯрад, мемурад.
Бо бинӣ мекашад нос
Уштур дар шохи гелос.
Рӯи офтоб сафед аст,
Ишками муш кафидаст.

Барзагов надиҳад шир,
Мағзоба ба ҷои шеър...
Хонанда хомӯш бошад,
Деги ош дар ҷӯш бошад.
Шоир нависад китоб,
Ҷӯрааш бикунад чоп.

## ДАРДИ САР ХАРИДАМ

Ба навбат чанд сол истода охир,
Мани мискин яке мошин харидам.
На мошин,
балки бо фармони тақдир
Ситам бар ҷони дардогин харидам.

Надорам як нафас ҳам акнун ором,
Басо афзуд ёру ошноям.
Зи фарьёди хурӯсон то дили шом
Ба мисли моку андар рафту оям.

Якеро костюми ҷерсист лозим,
Дуюм баҳри гусели зан бароят.
Сеюм худ ҳаст бар Масков озим,
Чаҳорум кӯч бояд, ки намояд.

Барои завҷаам ҳам бемуҳобот
Қамаш даҳ бор бинмоям даву тоз.
Гаҳе ӯро барам бар назди хайёт,
Ва гоҳе оварам машшотаи хос.

Ба замми ин маро андар идора
Ҳама гӯянд, ки:—Шофёри сардор.
Қашонам ман варо бар ҳар канора:
Ба кору хонаю дӯкону бозор.

Сипас ман худ давам бо сабру тахмин
Ба сад дар бар суроғи чарху запчасть.
Намепурсад ягон кас нархи бензин,
Намепурсад ягон кас, ки гараж ҳаст.

Пиёда гаштан авло буду ҳалво,
На мошин, балки дарди сар харидам.
Накардам гӯш панди дӯстонро,
Бало бар ҷони ғампарвар харидам.

## ЛАПАРҲОИ ХОРПУШТАК

Мӯи мардон шуд дароз,
Занҳо бурукпӯш шуданд.
Дар чаман хофиз шуд зоғ,
Булбулон хомӯш шуданд.
Булбулон хомӯш шуданд.

Дар ҷавонӣ менишаст
Падарро рӯи домон.
Дар калонсолӣ шудаст
Ба гарданаш овезон.
Ба гарданаш овезон.

Ҳофиз-ака дар тӯйҳо
Тӯрба ба даст гардад.
Чун тӯрбааш бишуд пур
Масту аласт гардад.
Масту аласт гардад.

Дар канори шаҳри мо
Бозори нав бишуд боз.
Фақат ҷаллобон кӯҳна,
Носкаду нав, ҳамон нос.
Носкаду нав, ҳамон нос,

Рӯз агар шавад дароз,
Кӯтаҳ шавад шаб он дам.
Нури Норак шуд бисьёр,
Вале лампочка шуд кам.
Бале, лампочка шуд кам.

Падараш, ки буд бангӣ
Писараш шуд арақхӯр.
Оре, наафтад ҳаргиз
Харбуза аз полиз дур.
Харбуза аз полиз дур.

Дар пирӣ падар-модар
Шуданд аз дасти ӯ хор.
Акнун аз фарзандонаш
Қашад азоб ӯ ночор.
Қашад азоб ӯ ночор.

Чойхона аз ошхона
Дорад тафриқаи кам.
Диҳанд оби раббано
Лоҷарам дар ҳар ду ҳам.
Лоҷарам дар ҳар ду ҳам.

Мӯи мардон шуд дароз,
Занҳо бурукпӯш шуданд.
Дар чаман ҳофиз шуд ғоз,
Булбулон хомӯш шуданд.
Булбулон хомӯш шуданд.

## АҲМАДИ МУҒАМБИР

Ҳама донанд андар шаҳру бозор
Ки Аҳмад кай шавад ранҷуру бемор.



48554
БИБЛИОТЕК
профкома Ленинабадск

Чунончи, ҳар душанбе — ин муқаррар,
Ҳамояд дард, албатта, варо сар.
Чу кораш, дардҳояш низ якранг,
Ба ҳар сешанбе пояш мешавад ланг.
Шавад ҳар чоршанбе дарди дандон,
Надида кас варо бо рӯи хандон.
Зи яхдон карда нӯш оби чави сард,
Шавад ҳар панҷшанбе ӯ гулудард.
Ба ҳар ҷумъа варо табларза гирад,
Ба шанбе то дили шаб ларза гирад.
Фақат як рӯз, он ҳам рӯзи бозор,
Нагардад Аҳмади мо ҳеҷ бемор.
Бихобад ин муғамбири ягона
Қатори гурбааш дар кунҷи хона.

## СЕ РӮЗ ДАВРОНИ МАН АСТ.

*(Аз забони раиси артель навишта гирифта шудааст)*

Ман раиси артел астам, равғанин нони ман аст,
Як саду ҳаштод кас ҳозир ба фармони ман аст.
Шолу қолинҳои камбар, зарфҳои касмахар
Ҳар маҳ истеҳсол кардан кори виҷдони ман аст.
Доимо бар коргарҳо мекунам дӯғу даранг,
Феъли тунд аз бачагӣ дар табъи ҷӯшони ман аст.
Сангпуштосо ба як ҷо доимо по мезанам,
Ҳамчу дӯли осиё бетаг ҷиғилдони ман аст.
Аз ҳисоби молҳое ки ҳисобаш кисагист,
Назди ёронам кушода лаб ба лаб хони ман аст.
Ҷӯрабозӣ, майпарастӣ, худсарию тӯрагӣ
Кори ман, кирдори ман,
шуғли ман, унвони ман аст.
Вой агар рӯзе шавад нимкосаам аз коса фош,
Охир ин нафси бади ман душмани ҷони ман аст.

Ҳар чи ҳаст аз хурданӣ,
 ман з-он насибе бурданӣ[1]
Айшу ишрат мекунам, се рӯз даврони ман аст.

## СОЛИ НАВ МӮРАҚ БОШАДЕ...

Эсуни дарьё ғазалхон,
Усуни дарьё ғазалхон.
900 ҳазор тонна
Пахта дод Тоҷикистон.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё аломот,
Усуни дарьё аломот.
Ашти калон шуд обод,
Бешкент ҳосили нав дод,
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё чароғон,
Усуни дарьё чароғон.
ГЭС-и Норак охир шуд,
Акнун навбати Роғун.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё равшанӣ,
Усуни дарьё равшанӣ.
Аз баъзе маъмурон мо
Қамтар гила карданӣ.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё ширмаҳтоб,
Усуни дарьё ширмаҳтоб.

---

[1] Ин мисраи Ирсии Ҳисорӣ каме дигар карда шуд

Қувваи барқ афзун шуд,
Вале лампочка ноёб.
Соли нав мӯрак бошаде

Эсуни дарьё тарарам,
Усуни дарьё тарарам.
Композиторҳо бисьёр,
Тӯёна асарҳо кам.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё усто пур,
Усуни дарьё усто пур.
Қонцертзали Душабе
Хӯрдаст гӯшти уштур.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё ғалла чош,
Усуни дарьё ғалла чош.
Дар дӯкону бозорҳо
Анқо шуд нахуду мош.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё ошхона.
Усуни дарьё ошхона
Аммо таоми дилкаш
Ёби ту дар афсона.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё магазин,
Усуни дарьё магазин.
Лек аз дасти савдогар
Ёбӣ гилему қолин.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё мошин,
Усуни дарьё мошин.

Хароба беҳтар аст
Вақте ки нест бензин.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё олим,
Усуни дарьё олим.
Суюқ бисьёр асарҳо,
Начаспанд,
куни̅ элим.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё мактаб,
Усуни дарьё мактаб.
Баҳри баъзе ҷавонҳо
Луғат шуд ҳарфи адаб.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё палос,
Усуни дарьё палос.
Беҳтараш, манту харед
Шавад гар лозим пиёз.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё моли нав,
Усуни дарьё моли нав.
Лекин даркориашро
Рафта орем аз Маскав.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё паровоз,
Усуни дарьё паровоз.
Аз байни мо шавад нест
Тӯрачию ваъдабоз.
Соли нав мӯрак бошаде.

Эсуни дарьё ободон,
Усуни дарьё ободон,
Хушбахту хуррам бошед
Дар соли нав, рафиқон.
Соли нав мӯрак бошаде.

## РӮБОҲИ ГРАФОМАН

*(Масал)*

Рӯбаҳи айёри фиребандакор
Буд миёни вуҳуши бешазор.
Нӯла кашида ҳама ҷо худ ба худ
Гӯй, ки мехонд ба тавре суруд.
Гӯшхарошу дағал овоз дошт,
Шеваи гургу мағали ғоз дошт.
Хонад агар ӯ ба садои баланд
Ҷангалиён сер зи ҷон мешуданд.
Пахта халонида ба гӯшон ҳама
Чун рама буданд гурезон ҳама.
Тофт вале толеи рӯбоҳ зуд.
Чанд замон омири ҷангал бишуд.
Биниӣ кунун рӯбаҳаки зиштро
Садри ҳама маъракаю базмҳо.
Нуқлу навояш шуда оҳубара,
Синаи мурғу дили кабки дара.
Ҷумлаи паррандаю даррандагон
Ҷамъ ба гирдаш шуда парвонасон,
Шефтаи созу навои ваянд,
Ҷумла муқаллид ба ҳавои ваянд.
Ҳар сухани шеъру суруди варо
Сабт намоянд ба оби тило.
Паҳн сурудаш ба ҷаҳон гаштааст,
Гимни ҳама ҷонварон гаштааст.

Ман фақат аз воқеа дар ин масал
Ному маҳалро бинамудам бадал.
Санъати иғроқ набурдам ба кор.
Баҳри худ акнун ту хулоса барор,

## БА ДӮСТОНИ НОНӢ ВА ЗАБОНӢ

Дар забон баъзе рафиқонанд ёрони асил,
Оваранд аз боби сидқу дӯстӣ садҳо далел.
Ғайбататро мекунанд аз пушт рафта муттасил,
Пашшасон айби туро ёбанд, аз он созанд фил.
Танг утоқи ҳиммати онҳост ҷун гӯри бахил.

Нест маълум ин ки онҳо дӯст ё худ душмананд,
Анкабутосо ҳамеша тор бар гирдат тананд.
Комьёбии туро дида ба абру чин зананд,
Ҳар замон дар фикрати он ки чиро аз кӣ кананд.
Мекунанд изҳори шодӣ чун харат афтад ба гил.

Рӯзи шодию сурур онҳо буванд афзуншумор,
Васфи ту гӯянд бурда кулли санъатро ба кор.
Лек чун душворие ояд туро рӯзе дучор,
Зуд чун бегонаҳо гиранд худро бар канор.
Аз чунин ёрони ҳарҷой малол афтад ба дил.

Мансабат гардад баланд онҳо ба сад макру ҳиял
Мекунанд охурча роҳи манзилатро филмасал.
Бар гули рӯят паранд аксар чу замбӯри асал,
Ҷумла духтур мешаванд он гаҳ,
ки мегардӣ касал,
Лек аз мансаб чу рафтӣ, монӣ танҳою сабил.

Дидаам аз дасташон шӯру шарар бисьёрҳо,
Дидаам аз шасташон ҷабру зарар бисьёрҳо.
Хурдаам аз дегашон хуни ҷигар бисьёрҳо,

Бурдаам рӯзу шаби тӯҳмат ба сар бисьёрҳо,
Гар ба рӯи бел монам, он намеистад ба бел.

Мисли хешу ақрабо дохил шуда бар мағзу пӯст,
Қасбашон бемузд холӣ кардани чому сабӯст.
Ҳар кӣ бо онҳо қарин шуд, обрӯяш оби чӯст.
Алъамон аз ин қабил мардум, намегарданд дӯст
Оварӣ оби шифо ҳар чанд ту аз Салсабил.

## ЧӢ ГАП ШУД?

—Чӣ гап шуд, чӯра, дар дуньё чӣ гап шуд?
Нағунчанд одамон дар куртаи худ.
Садои шодию «шо бош»-у урра
Расида то фалак, то Моҳу Зӯҳра.
Ҳама мошинаҳо истода аз кор,
Ҳама мардум равон чун сели кӯҳсор.
Магар одам ба рӯи Маҳ баромад?
Ва ё аз Маҳ ба зер одам фаромад?
Ягон фатҳи навин шуд дар қаламрав?
Ба кор оё даромад Нораки нав?
Ба чо овард ё ки Точикистон
Плони пахтаи худро дучандон?
Қолумби нав магар пайдо бишуд боз?
Намуд ӯ кашф Амрикои худ боз?
— На, эй ғофил, кучо будӣ ту?
«Помир»
Бизад се тӯб дар футболи охир!

## БЕҲУНАР

Сурати девор дорад беҳунар,
Сирати маккор дорад беҳунар.

Давлати Аҳрор дорад беҳунар,
Савлати бисьёр дорад беҳунар.

Не, ғалат кардам, ки гуфтам беҳунар,
Ӯ «ҳунар» дорад ба бухлу кизбу шар.
Дар даҳону синаю хуну ҷигар
Гӯй заҳри мор дорад беҳунар.

Як замон дида алифро ӯ ба хоб,
Аз ҳаёю шарм мебошад қимоб,
Лек дар ғун кардани факту ҳисоб
Дафтари тайёр дорад беҳунар.

Гурбаро шери ғазанфар гӯяд ӯ,
Пилро аз мӯр камтар гӯяд ӯ,
Далларо асп, аспро хар гӯяд ӯ,
Не шараф, не ор дорад беҳунар.

Гарчи дорад доману дасти дароз,
Гарчи реша ронда бар шебу фароз,
Бояд аз бехаш бурем акнун ба дос,
Чунки захми хор дорад беҳунар.

## ҚИСАЮ ҚОСАИ ТУ ПУР НАШАВАД

Муддате гашта мудири дӯкон,
Ҳамаро кардӣ ту моту ҳайрон.
Поймонии ту шуд зуд дигар,
Шуд дигар завҷаату ҷою макон.
Дӯстони куҳанатро ҳатто
Кардӣ иваз ба навин мӯду фасон.
Байни ҷайби худу ҷайби давлат
Фарқ нагзоштӣ чун кисабурон.
Бо маю майзадаҳо ҷӯра шудӣ,
Даст шустӣ зи ҳаёю виҷдон.

Қарда гум шаклу сумоти башарӣ,
Гаштӣ озах ба рухи поки замон.
Охируламр ба даст афтодӣ,
Шудӣ шармандаю расвои ҷаҳон.
Қисаю косаи ту пур нашавад
Баъд аз ин аз паси ранҷи дигарон.

## УМРИ ФАШИЗМ КӮТОҲ АСТ!

*Сарбозони собиқ диктатори Никарагуа Сомоса шоир Эдвин Кастроро ба қафаси шерҳо андохтанд*

*Аз рӯзнома*

Қисмати шоирони равшанфикр
Дар ҳар асру замон чунин будаст.
То ки буд олами фиребу ҳиял,
То ки буд ин ҷаҳон,
чунин будаст.

Чун китоби ҷаҳон варақ бизанем,
Пур зи зиндону дорҳо бинем.
Темуру Пиночету Пол-потҳо
Ҳаму ғам не, ҳазорҳо бинем.

Гоҳ онҳо ба чашм мил кашанд,
Гаҳ ба тафсон танӯрҳо сӯзанд.
Гоҳ андар қафас нигаҳ доранд,
Гаҳ ба сӯзан лабонашон дӯзанд.

Гаҳ кунанд аз китоб гулханҳо,
Аз диёри азиз дур кунанд.
Зери поҳои фил андозанд,
Ё ки зинда ба зинда гӯр кунанд.

Ҳар кучо теғу кунда аст, он ҷо
Душмани шеъру шоирӣ беш аст.
Аҳли зулм арҷманду болодаст,
Аҳли дил номуроду дарвеш аст.

Лек умри фашизм кӯтоҳ аст,
Менамояд базӯр арзи вуҷуд.
Ҳамчу тахти Амину Сомоса
Вожгун гардад оқибат лобуд.

Шоирон — раҳравони ҷодаи сурх,
Бо ҳама гиру дору зулму хатар,
Бардамона қадам ниҳанд ба пеш,
То раҳонанд даҳр аз офату шар.

## САНГИ МАРМАР

*(Масал)*

Деҳқоне фақат зи моли ҷаҳон
Уштуре дошт дар сарои калон.
Рӯзу шаб ҷонвари биёбонгард
Хизмати соҳибаш ба ҷон мекард.
Гушнаю ташна тирамоҳу баҳор
Қарда ночор бар ду бинӣ маҳор,
Мекашонид бор пайваста,
Бо тани лоғару лаби баста.
Соҳибаш боз мисли сарборӣ
Мешудиаш савор ҳар боре.
Гӯӣ вай бе улов — бе уштур
Буд бе дасту пой,
буд ранҷур.
Зану фарзандаш аз қимиз, аз шир
Ҳамарӯза буданд хурраму сер.

Ҳам зи пашми шутур умри дароз
Ҳамагонро будӣ либосу палос.
Лек деҳқон зи баски беғам буд,
Нарасидӣ ба қадри уштури худ.
Гоҳ онро зада намудӣ яғир,
Гоҳ кардӣ ҳавола бар тақдир.
Монда бе обу бе улуфаю қут
Уштур охир дароз по бинмуд.
Гашт ғамгин аз ин талаф деҳқон,
Ашки ҳасрат бирехт аз чашмон.
Уштуракро ба карру фар гӯронд,
Санги мармар ба рӯи қабраш монд.

Магар ин ҳодисоти ноҳинҷор
Байни мо ҳам намешавад такрор?
То бувад зиндаю саломат дӯст
Сӯзан ӯро халем бар тану пӯст.
Чун мурад, даргиронда машъалҳо
Вазъгӯён ниҳем ҳайкалҳо.

## НАШУД...

*(Ба муаллифи китоби «Лола»)*

Хостам, ки аз китобат баҳра бардорам, нашуд,
Фикри бикре ёбам аз он гуфтам, исрорам нашуд.
Яктараф бигзоштам охир ҳама корам нашуд,
То зи ҳар як шеър сайди маъниро дорам, нашуд,
Гаштаю баргашта хондан ҳам мададгорам нашуд

Ҳайбаратро ту фиристонӣ ба мактаб, э аҷаб,
Аз хурӯсат менамоӣ тухмзоиро талаб.
Гурбаатро мекунӣ панду насиҳат рӯзу шаб,
Ҷонам аз сафсатагӯиҳои ту омад ба лаб,
Гуфтам инро дар қатори назм бишморам, нашуд.

Каркаданро фарқ нанмоӣ зи баҳмут, ин чӣ гап,
Пухт гӯӣ ҳандалакро дар маҳи ҳут, ин чӣ гап,
Ҷомаи назми туро не тор, не пуд, ин чӣ гап,
Тутро ту бед гӯӣ, бедро тут, ин чӣ гап!
Қофтам то мисраи хубе мисол орам, нашуд.

Нашриётӣ ҷӯраат бинвишта андар сарсухан:
«Табъи хуш дорию ҳастӣ бомаҳорат дар сухан».
Лек аз «табъи хуш»-и ту гашт нохуш табъи ман,
Бар маҳоратнокиат ҳам шубҳа кардам
дафъатан.
«Лола»-и берангу бӯят зеби дасторам нашуд.

Кӯдакони фохири ҳаммиллати ман пештар
Дарс меомӯхтанд аз Ҳофизу аз Миршакар.
Ин замон аз ту забономӯзиро созанд сар,
Ин на аз инсоф бошад, ноширони муътабар,
Тарсакетонро бикӯшидам, ки тоб орам, нашуд.

## БУЛБУЛУ ЗОҒ

*(Масал)*

Гузари зоғаке ба боғ афтод,
Дид, ки обу дона ҳаст зиёд.
Пур шуда чор сӯ зи бонги суруд,
Аз навои чаковаку ҳудҳуд.
Қумрӣ гардида маҳви зебоӣ,
Буд чун тӯтӣ дар шакархоӣ.
Ҳар паранда — зи фохта то сор
Масту хуш буд аз ҳавои баҳор,
Ин ҳама зоғро писанд омад,
Бар мизоҷаш чу судманд омад,
Хешро дар қатори онҳо кард,
Зиндагӣ ихтиёр он ҷо кард.

Бахри худ лек сарпаноҳ надошт,
То кунад лона коҳу ҷоҳ надошт,
Қард даъват шуда басо хушнуд
Булбул онро ба ошьёнаи худ.
—Гарчи танг аст,— гуфт,— боке нест,
Ҳар ду шодон кунем дар он зист.
Чанд муддат мақол шуд дар боғ
Ҳамҷивории андалебу зоғ.
Лек кам-кам миёни тоирҳо
Зоғ сар кард нағмаҳояшро.
Гирди ҳар мева гашта дар бӯстон.
Қирм мекофт аз даруни он.
Нӯл мезад чу одати дерин
Бинишаста ба рӯи ҳар саргин.
Гоҳу бегоҳ сохта қар-қар,
Менамуд он ду гӯши булбул кар.
Булбул аз ин шуда басо ношод,
Оқибат зоғро гирифт эрод.
Зоғ ошуфта сахт бар булбул,
Гуфт:—Ҷоям ба ман бувад маъқул.
Ҳар чи хоҳам кунам, нашинам хап,
Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки ба ман занӣ гап!
Булбул охир бигашта сер аз ҷон,
Тарк бинмуд ошьёну макон.
Бо алам рафт аз канори боғ,
Хонабардӯш шуд зи дасти зоғ.

Бо бадон ҳар кӣ дӯстӣ бикунад,
Мисли булбул ба хеш чаҳ биканад.

## БА ҶОИ ҚАДАҲ

Орди гандум ҳама ҷо,
Пазандаҳо ҳам ба ҷо.
Вале фатиру ширмол
Гум шуда аз забонҳо.

Уворию уворӣ,
Ку биринҷи ҷойдорӣ?
Бинем дар хоб акнун
Ҳама оши ҷуворӣ.

Луғат шуд наску ҷавдор,
Аз зағир намонд осор.
Аммо мошу нахӯдро
Бинем фақат дар бозор.

Чор шуда чашми мо
Ба арзану боқило.
Баробар шуда қуноқ
Гӯё ба нархи тило.

Ҷои онҳо баъд аз ин
Хӯрем мо витамин:
«А»-ю «Б»-ю «В»-ю «Г»,
Фенамену седуксин...

Саркардаю раисон,
Масъул мутахассисон,
Дар соли нав мо дорем
Хоҳиш аз шумо ин сон:

Маҳкам баста миёнро,
Иҷро карда пилонро,
Бояд ки маҳфуз дорем
Мероси бобоёнро.

Гар ин неъмати алвон
Шавад бе ному нишон,
Намебахшанд ҳаргиз
Моро фардо авлодон.

## ОШНОҲО ЗИНДА БОШАНД

*(Хиргаҳии бозорҷаллоб)*

Ошноҳоям ба ҳар ҷоянд беҳадду ҳисоб,
Мешавам аз ёрии онҳо ҳамеша баҳраёб.
Ҳар чи мехоҳад дилам чун пирамард Ибни
Хатиб,
Мекунам пайдо варо ман зуд бе ранҷу азоб.
Ҳоҷати он як барорам аз сари меҳру вафо,
Дигаре орад ба хона молҳои касмаёб.
Пас ман онҳоро барам йурғакунон бо дулдулам
Гаҳ ба Шаҳрисабзу гаҳ бар Деҳнаву гаҳ бар
Китоб
Аз паси ҳаннотӣ музди ройгон орам ба даст,
Дер боз аз меҳнату кори ҳалол астам қимоб.
Хонаю ҷоҳу ҷалоламро агар бинад касе,
Ҳушаш аз сар мепарад бе бодаю ҷому шароб.
То даме ки ошноҳоям ба олам зиндаанд,
Решаи нахли фиребу савлатам бошад дар об.

Хорпуштак

Кӯза то охир сиҳат рафта наояд назди ҷӯй,
Назди қонун хоҳӣ дод, албатта, рӯзе ту ҷавоб.

## СУРУДИ УСТО-МАҚОМЧӢ

Қасри дилкушо дорам,
Мошин таги по дорам,
Аз давлати муфти худ
Савлат ҳама ҷо дорам.
Яллалеё яллале.

Медонед, ман кӣ ҳастам?
Гастрономчӣ ҳастам.

Вале машҳур бо номи
Усто —Мақомчӣ ҳастам.
Яллалеё яллале.

Бо ҳаннотони бозор
Доим дорам сару кор.
Фабрикаи мақомам
Қор кунад лайлу наҳор.
Яллалеё яллала.

Ҳар чи ки бошад камьёб
Зери лавка кунад хоб.
Гӯям ба мардум,
ки: «нест!»
Аз «ҳаст» ҳастам қимоб.
Яллалеё яллале.

Торту арақ оболуд,
Ширу намак оболуд.
Бошад илоч, мекардам
Орду табак оболуд.
Яллалеё яллале.

Нафси бадам шуд азоб,
Гум намудам сарҳисоб.
Уштурро фурӯ барам
Ба монанди қулти об,
Яллалеё яллале.

Аз мардуми меҳнатӣ
Зада даҳию садӣ
Равам ҳар сол ба курорт
Як чомадон пул катӣ.
Яллалеё яллале

Кач монда кулоҳамро
Гардам ёфта роҳамро.
Собун камӣ мекунад
То шӯям гуноҳамро.
Яллалеё яллале.

## ЗАРГАР

Равад ҳар чо гап аз Инсону Шоир
Ҳамон дам Миршакар ояд ба хотир.
Ба кӯдак кӯдаку бо пир пир аст,
Саводи дидаи хурду кабир аст.
Адибу ходиму донишвари мост,
Зарифу заршиносу заргари мост.
Ба ин даъвии мо исботи неку
Бувад худ «Деҳаи тиллои»-и ӯ.
Чу қаддаш назму насраш дилнишин аст,
Чу номаш ҳар каломаш шаккарин аст.
Ба ҳар чое ки ӯ гардад намоён,
Шавад бозори ханда зуд тафсон.
Гурози ғуссаю кулфат гурезад,
Баҳори шодмонӣ гул бирезад.
Рафиқи чонии мо Хорпуштак
Занад чун мо ба тӯи ӯй қарсак.
Чаро к-ин шоири хуштабъу хушдил
Бувад дар ҳачв низ устоди комил.
Миёни халқ ҳар ҳарфаш мақол аст,
Шудан ҳамсанги ӯ амри маҳол аст.
Аз ин ҳам килки ӯ буррандатар бод,
Баҳори умри ӯ фархундатар бод,
Чу бошӣ диданӣ сарви чаманро,
Нигар бар шастсола шоири мо.
Агар хоҳӣ дубора навчавонӣ,
Бубояд Миршакарро ту бихонӣ.

## БА ПИРИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Муборак, эй қаламкашҳои тоҷик.
Шуморо иду айёми хушу нек.
Муборак ҷашни нимасра ба гетӣ,
Туро, эй «Тоҷикистони Советӣ».
Нагардад ханда канда аз лаби ту,
Ба ҳар лаб доимо бошад гапи ту.
Садои қалби ҳар як тоҷикастӣ,
Ситора дар самои машриқастӣ.
Маро бошад ҳамеша қуввати дил
Каломи «Хоҷа Насриддин»-и оқил.
Дуруд аз мо расон бар кормандон,
Ки гар бинанд ҳар ҷо айбу нуқсон,
Варо бо собуни танқид бишӯянд.
Ва ё фавран ба Хорпуштак бигӯянд,
Барори кор хоҳам карда табрик
Туро, эй пири матбуоти тоҷик.
Зада дар ҷашни якасрет қарсак,
Саногӯи ту бошад ХОРПУШТАК.

## БА УСТО-ИСРОФИЛ БОЗОРӢ

Зи камвақтию пуркорӣ
Надорад вақти сархорӣ.
Аз ин рӯ доимо тафсон
Бувад бозори Бозорӣ.

Фельетону масал дорад,
Ҳикоёту матал дорад.
Як олам нақшаю мавзуъ
Ҳамеша дар бағал дорад.

Кӣ мегӯяд, ки ӯ додост?
Кӣ мегӯяд, ки ӯ бобост?

Агарч ӯро ба ҳурмат мо
Ҳама гӯем:—Пири мост.

Қасе бар ханда кон бошад,
Чу Исрофил ҷавон бошад.
Ба панҷоҳу ба сад ҳам гар
Дарояд ӯ, ҷавон бошад.

## ЗАН ВА ШАВҲАР

*(Аз П. Ребро)*

Худоё, чи зану шӯ буд мавҷуд!
Яке чун Зуҳра, дигар Муштарӣ буд,
Шараф бодо ба он ду бовафо ёр,
Биҳишт аз баҳрашон буд чайлаю ғор.
Зан аз ҷон дӯсттар медошт шӯро,
Агарчи камбағал буд шӯй ӯро.
Барояш буд тайёр он париваш
Занад худро даруни обу оташ.
Либосӣ одӣ дар бар дошт пайваст,
Намедод ӯ як умр оро руху даст.
Намегашт аз паси ҳангомаю мод,
Намекард аз ателье-хонаҳо ёд.
Биҳишти хуштар аз инро намехост,
Қаноат менамуд бо ҳар каму кост,
Ба сайри боғ мерафтанд бо ҳам
Ба сайди моғ мерафтанд бо ҳам.
На мебелу на қолин, бал муҳаббат
Ҳаёти ҳар дуро медод зиннат.
Зан андар ҳусн буд яктои олам,
Вале буд шавҳари ӯ ҷони одам.
Намедонистанд андуху ғамро,
Ҷиготу ғурбату дарду аламро.

— Дурӯғ ин!— Гӯядам шахси ҷаҳонгард.
На, зан —Ҳаввою Одам буд он мард.

## ХОДИМИ НОЗУКБАЁНИ ХОРПУШТ

*(Ба 50-солагии Ҳасанҷон Расулов)*

Ходими нозукбаёни Хорпушт,
Гӯшу ҳушу дидагони Хорпушт,
Кас надонад аз Ҳасанҷон хубтар
Ҳам замону ҳам забони Хорпушт.
Устухонаш гашта шах, мӯяш сафед.
Дар дукони пухтагони Хорпушт.
Дӯст хандон, хасм гирьён мешавад
Ҳар куҷо бинад синони Хорпушт.
Доимо чун ханҷари бурранда бод
Қилки монизодагони Хорпушт.
Номи ӯ сабт аст дар девони ҳаҷв
То бувад боқӣ ҷаҳони Хорпушт.

## САЛОМИ ДӮСТОН

*(Ба устод Раҳим Ҷалил)*

Аз Душанбе, бар Хуҷанди бостон
Хорпуштак, бар саломи дӯстон.
Бар адиби мо Раҳим ибни Ҷалил
Соз аз гулҳои меҳри мо ҳамел.
Пайки сидқу эҳтироми мо расон,
Баъд аз он камтар гила ҳам карда мон,
Гӯй, мо мухлиси дерини ваем.
Ташнагони ҳаҷви ширини ваем.
Лек аз чӣ камдарак гардидааст,
Қит буд, акнун самак гардидааст.

Аз ҳама Гулрӯю аз Пӯлодҳо,
Аз ҳама шогирду аз устодҳо,
Аз ҳаводорони насри содааш.
Аз Ҳисору Вахшу Турсунзодааш
Дар бағал каш, бӯсаҳо бинмо фузун,
Зодрӯзашро муборакбод кун.
Баҳри бахту рафъати хонандагон
Орзу кун, ки саломат бошад он.
Хомааш тезу лабаш пурханда бод,
Зинда боду зинда боду зинда бод!

## ОВОРАИ ДУ ҶАҲОН

Яке мекард назму наср эҷод,
Ба шоир шеъри худро чун нишон дод,
—Шумо аз назм дида,— гуфт шоир,—
Дар иншо кардани насред моҳир.
Ба назди носире бурд ӯ китобаш,
Ки шояд фотиҳа бидҳад ба чопаш.
Бихонда насри ӯро то ба охир
Навишт ин гуна дар ҳошия носир:
«Агар хоҳед гардидан суханвар,
Арӯси назмро доред аз бар».

## АМИНИ БОЗОР

Аз ҳамон дам, ки Сабури айёр
Гашт дар шаҳр амини бозор,
Ҷумлаи кор бишуд бесомон,
Шаҳру бозор бишуд бесомон.
Чанд ҷону ҷигару шогирдаш
Ғун шуда орусифат бар гирдаш,
Бинамуданд ба шодии азим
Ҳамчу мерос штатро тақсим.

Он яке акнун инспектор аст,
Дигаре сангу тарозудор аст.
Савумин дар радаи баққолӣ
Бикунад бардаи мардум холӣ.
Сухани фораму гарм анқо шуд,
Адабу ҳурмату шарм анқо шуд.
Нархи бодому мавизу гелос
Шуд баробар ба қаҳу бедаю нос.
Ноку анҷиру анору олу
Ҷо гирифтанд зи паҳлуи каду.
Ҷаву арзан зи ҳама боло гашт,
Бокило фавқи ҳама коло гашт.
Ҳар тараф чангу гилу ахлот аст,
Манзили макру фиребобод аст.
Сурма аз чашм зананд аҳли қимор,
Рафтуо канда шудаст аз бозор.
Ҳанзали ҳилаю аъмоли Сабур
Бидавонда ба замин реша чуқур.
Қанӣ он кас, ки бибуррад онро,
Бихарад ҷони харидоронро?!

## РАФИҚИ МО БА АВРУПО САФАР ҚАРД

Рафиқи мо ба Аврупо сафар кард,
Зи шаҳру баҳри бисьёре гузар кард.
Бидид ӯ Эйфелу Тоқи Зафарро,
Бидид Аҳромҳои бешумарро.
Зиёрат кард Балканро саросар,
Ба баҳри Адриатик шуд шиновар,
Даме баргашт аз он ҷо шодмона
Ҳарифон ҷамъ гаштандаш ба хона.
Пас аз лутфу дуруди бениҳоят,
Бипурсиданд аз ӯ созад ҳикоят,
Чиро дидаст дар он марзу он бум?

Туристи мо даромад бар такаллум:
«Арақ дар Будапешт будаст арзон,
Бинӯшидам варо то ҳадди имкон.
Харидам аз Париж туфлии локӣ,
Ба Берлин хӯрдам оши барги токӣ.
Зи Лондон куртаи нейлон гирифтам,
Зи Сорбон ҷомаи борон гирифтам,
Ба келин ҳам (биёварда ба хотир)
Гирифтам чанд курта, чанд жемпир.
Пулам афсӯс, ки дар раҳ адо шуд,
Вагарна чизу ашьё бекарон буд.
Агар ин дафъа бинмоям сафар ман,
Ғами пулро хӯрам бисьёртар ман.
Ба хона моли дуньёро биёрам,
Бимирам ҳам пас армоне надорам».
Ҷавони шӯхтабъе дар миён буд,
Якояк ин суханҳоро чу бишнуд,
Бигуфто: «Эй ҷаҳонгарди забардаст»
Илоҷи ин таманнои ту саҳл аст.
Агар хоҳӣ, ки молат барфизояд,
Ба Аврупо на, бар ЦУМ рафт бояд».

## ФУРӮШАНДАИ ДИПЛОМДОР

Панҷ сол ӯ хонд дар дорулфунун,
Донишаш ҳаргиз нашуд мӯе фузун.
Рӯзу шаб бинмуда пур паймонаҳо,
Гашт гирди оразн ҷононаҳо.
Бо табаҳкорону мастон ҷӯра шуд,
Бӯстонро чун гиёҳи шӯра шуд.
Панҷ сол ишғол кард ин рӯсиёҳ
Ҷои дигар шахсро дар илмгоҳ.
На китоберо ба каф боре гирифт,
На зи домони ягон коре гирифт.

Лек амма-холаҳои бешумор
Бахри ӯ буданд доим ёри кор.
Аз равуои зиёду бехудуд
Даргаҳи дорулфунун охурча шуд.
Оқибат бинмуда хонданро «тамом»
Соҳиби диплом гардид ӯ ба ном.
Хизмат алъон мекунад ин бадбурушт
Дар дукони равғану қаймоқу гӯшт.

## ҶУВОЛИ ХОЛӢ

Ту умре ба дил доштӣ орзу
Шавӣ соҳиби мансабу обрӯ.
Ягон шаҳрро шаҳриёрӣ кунӣ,
Шабу рӯз мошинсаворӣ кунӣ,
Дар ин раҳ на илму фан андӯхтӣ,
Фиребу риёкорӣ омӯхтӣ.
Басо хонаҳоро намудӣ хароб,
Басо синаҳоро намудӣ кабоб.
Билохир ба ёрии ёрони хеш
Расидӣ ба мақсуди вайрони хеш.
Чу худ чанд побӯсӯ маккорро,
Сияҳкору наҳсу чилавдорро
Ба гирдат ҳаме сохта муттаҳид,
Ҳунарҳои худро намудӣ падид...
Ҳар он ки ба сар дошт ақли расо
Бирафт аз сароят басе норизо.
Балегӯяконй ту дар гирди ту
Ҳама хешро хонда шогирди ту
Шабу рӯз мадҳу сано мекунанд,
Сифатҳои «нек»-и туро мекунанд,
Ки:
«То ҳаст таъриху то ҳаст ёд,
Чу ту Модари даҳр одам назод».

Аз ин сон ситоиш, аз ин сон дурӯғ
Чароғи ҳаёти ту дорад фурӯғ.
Машав ғарра бисьёру аз ин маноз,
Нагардад бад-ин вачҳ умрат дароз.
Напояд ба олам фиребу ҳиял,
Шавад номуборак туро ин амал.
Амал гарчи ин сон намудат баланд,
Ҳамонӣ, ки будӣ-аз ин пеш чанд.
Даме, ки зи мансаб ту холӣ шавӣ,
Зи нав мисли холӣ ҷуволе шавӣ.

## АККАИ НОТИҚ ВА ЗОҒИ СИЁҲ

*(Масал)*

Аккае дар нотиқӣ машҳур буд,
Гоҳ нутқаш бенамак, гаҳ шӯр буд.
Бо мурури вақт, рафта-рафта он
Бар ҳама паррандаҳо шуд ҳукмрон.
Рӯзи дигар ҷӯраи худ-зоғро
Қарда даъват назди худ дар боргоҳ
Гуфт:—Ту бар ҷумла кабкони дарӣ
Аз ҳамин рӯз эътиборан сарварӣ.
Зоғ аз ин хушхабар гардид шод,
Се шабу се рӯз тӯю сур дод,
Баъди табрику дуои бешумор
Зоғ сар бинмуд бо зудӣ ба кор.
Қабкҳоро ҷамъ карда назди худ
Ошно бо корашон як-як бишуд.
Роҳ рафтанро ба онҳо ёд дод,
Ҳарф гуфтанро ба ҳар ҷо ёд дод.
Гуфт:— Дар ҳар кор бояд, ки шумо
Доимо ибрат гиред аз зоғҳо.
Аз миён бигзашт солу моҳ чанд,
Маҳрум аз рафтори худ кабкон шуданд.

Не садо монду на сози дилписанд,
Ҷои «қа-қа» ҷумла «қар-қар» мезананд.
Акка чун дид ин ки аз дасти ғуроб
Ҳоли кабкон бениҳоят шуд хароб,
Пеш аз он, ки ҷонваре ёбад хабар,
Бигзаронд онро ба як кори дигар:
Зоғро мансаб бишуд аз нав калон,
Шуд таъин хормейстри булбулон.

То даме Акка ба олам зиндааст,
Зоғ соҳибмансабу поиндааст.

## МУРҒИ ҚУРҚ

*(Масал)*

Ҷӯҷае дар фермаи колхоз буд,
Буд хеле хурду одӣ дар намуд.
Чун калон шуд, мисли ҳар як мокиён,
Рӯзе он зоид як тухми калон.
Ҷумлаи мурғон аз он ҳайрон шуданд,
Ҳар тараф дар гуфтугӯи он шуданд.
Пас, варо карданд даъват ҳар куҷо,
Бар митингу сӯҳбату маҷлисҳо.
Рафта бар колхоз бар ёрони худ
Доимо аз таҷриба гап мекушуд.
Рафта-рафта гашт нутқаш оташин,
Дар ҳама ҷо мурғ шуд болонишин.
Гашт авроди забонҳо номи он,
Шуд дар охир бар ҳама мурғон калон.
Мухлисонаш табли шӯҳрат мезананд,
Ки шаванд аз ибрати он баҳраманд.
Шоҳи мурғони тамоми олам аст,
Бахри он ҳайкал гузоранд ар ,кам аст,

Лек нагзашта ду-се маҳ аз миён,
Мурғи таърифиашон аз тухм монд...

Ин бувад аз ин масал моро мурод:
Мурғро карданд васф аз ҳад зиёд.

## ДАРБЕҲИ АСРИ КУҲАН

Ба рӯи асри мо бинӣ ту баъзан
Чу озах дарбеҳи асри куҳанро.
Агар бовар надорӣ бар гапи ман,
Ба масҷид ою соз онро тамошо.

Намози ҷумъа,
бар сар монда дастор,
Гурӯҳе сӯи масҷид мешитобанд.
Ки то созанд сидқи хеш изҳор
Ба даргоҳи заминии худованд.

Гурӯҳе сӯи масҷид мешитобанд
Чу ошиқ сӯи машъуқа ба уммед.
Зи ҷаҳлу соддагӣ бинмуда бовар
Ба лафзи шайху бар фирдавси зоҳид.

Гурӯҳе сӯи масҷид мешитобанд,
Ки то шӯянд аз худ «касрату» «гард»,
Вале з-он бехабар, гумроҳ, ғофил,
Ки ин дин дар ҳақи онҳо чиҳо кард.

Намехоҳад дилам бовар намояд,
Ки авлодони Хайёманд инҳо.
Ҳамасрони Гагарин,
Айнӣ, Иқбол,
Қасони даври атоманд инҳо.

Зиёнеро, к-араб овард бо дин,
Қашидан нест имкон дар тарозу,
Накарда садьяки онро ба шамшер
На Искандар, на Чингизхон, на Боту...

Дигарҳо сӯи маҳ доранд парвоз,
Паи тадқиқи ҷисми офтобанд.
Шуда побанди дини ҷонзабунсоз
Гурӯҳе сӯи масҷид мешитобанд.

## АГАР ГӮЯМ...

Агар гӯям, ки дар шаҳри Душанбе
Гирифтам ҷой аз меҳмонсаро ман,
Ҳама бингашта бо ҳайрат ба сӯям,
Гумон созанд марди худсито ман.

Агар гӯям,
ки хӯрдам дар «Фароғат»
Фароғат карда мантуи баҷурғот,
Ба абрӯ чин зада гӯянд:—Моро
Ба аспи лофи худ доим кунӣ мот.

Агар гӯям,
ки ман атлас харидам
Зи дӯкон бар аёлу кӯдаконам,
Бигӯянд:—Ин ҳама афсонаҳоро
Бигӯям рафта бар модаркалонам.

Чу гӯям:—Не ба дӯлча, бо пиёла
Бихӯрдам чой дар иқлими Регар,
Чи шаккоканд одамҳо, ки ҳатто
Ба ин гап ҳам намесозанд бовар!

## НАШУМОРАНД ҚАСИ СОҲИБДИЛ

Гарчи ту фотеҳи олам гардӣ,
Бо маҳу муштарӣ ҳамдам гардӣ,
Шавӣ дар Омуи шӯҳрат ғаввос,
Ба сӯи Зӯҳра кунӣ даст дароз,
Чанд донишкада итмом кунӣ,
Қисаҳоро пури диплом кунӣ,
Дар ҳама олами фан фард шавӣ,
Гурду сайёҳу ҷаҳонгард-шавӣ,
Сад ҳунарро бинамоӣ аз бар,
Бигузорӣ ба сарат тоҷ аз зар,
Нашуморанд каси соҳибдил,
Ё ки инсони шарифу комил,
То даме,
ки накунӣ хатми расо
Мактаби оддии инсониро.

## ҚАЛБУЗ ВА ШЕР

*(Масал)*

Сер гашта зи алаф шабҳангом,
Қалбузе ҷаста баромад бар бом.
Дид аз кӯча гузар дорад шер,
Зуд сар кард ба танзу дашном.
Гуфт:— «Қу наъраи шеронаи ту,
Ки биларзидӣ ба беша даду дом?!
Камтар аз гурба наӣ дар назарам,
Гарчи бар шоҳӣ баровардаӣ ном.
Гар ишорат бинамоям ба сагон,
Мекунандат ба як он луқмаи хом!»
Шер бингашта ба ҳайрат бар буз,
Гуфт: —«Ғарра машав аз ҷоҳу мақом

Бом гашта ба ту ҳомӣ, варна
Ту кучҷою ба ман ин ҳарфу калом?!
Ҳар гаҳе, ки бифаройӣ ба замин,
Он гаҳе ман бидиҳам бар ту салом».

## БӮР ВА ЛАТТА

*(Масал)*

Латтаю бӯр зи дерин айём
Мебаранд умр
ба зери як бом.
Бӯр соф аст агарчи ҷу зуҷоҷ,
Ҳаст бар хизмати латта мӯҳтоҷ.
Бӯр таълим диҳад ҳамвора,
Латта бар кори сияҳ овора.
Ҳар чиро бинвисад ар
бо сар бӯр,
Аз пасаш латта кунад онро кӯр.
Дар раҳи ҳарфи ҳаққу мазмуннок
Бӯр омода бувад гардад хок.
То ба ҳар дидаю дил гирад ҷо,
Сӯзад он шамъсифат,
сар то по.
Латта бошад шуда як ҷо маскун,
Бинад аз кори кам умри афзун.
Бӯрро хӯрда дар анҷом сар он,
Шоду осуда зияд худ ба ҷаҳон.

Маънии зиндагӣ аст азму субот,
Ту машав латта ба чанголи ҳаёт.
Кӯш то ин ки зи худ монӣ асар,
Яъне чун бӯр бубар умр ба сар.

## МУНАҚҚИД ДАР ТӮЙ

Пас аз шоир, пас аз ҳофиз,
Пас аз келин, пас аз домод
Ба ногаҳ соқии маҷлис
Суханро бар мунаққид дод.

Мунаққид хеста лобуд,
Ба пас туф карда носашро,
Ба рӯи ҳозирон бикшуд
Ҷуволи иқтибосашро.

«Дар ин ҷо,— гуфт,— чанд афрод,
Ки пеш аз мо сухан ронданд,
Ба васфи келину домод
Ғазалҳои равон хонданд.

Вале доданд роҳ онҳо
Ҳама бар санъати иғроқ.
Буд андар кишти нотиқҳо
Фузунтар курмаку янтоқ.

Чунончи, нутқи шоир буд
Чу шеъраш дарҳаму барҳам.
Суруди ҳофизон ҳам шуд
Дароз аз мӯи келин ҳам.

Сияҳ холи лаби келин
Қаме ноҷоя афтодаст.
Қади домодтӯра, бин,
Ба қадди ҷав аз ӯ паст аст.

Ба хон бинҳода бебаркаш
Сурини мурғу линги меш.
Чӣ лозим ин қадар исроф,
Чӣ даркор ин ҳама ташвиш?!

Вале сарфи назар аз ин
Муборак тӯй, ёрон, бод.
Бинӯшем ин маи рангин
Ба бахти келину домод».

## БА ОДАМЕ ҚИ ДИЛ НАДОРАД

Ҳамарӯза нишаста дар идора
Фақат бо ҳарфу коғаз кор орад.
Набинад ҷуз қалам-коғаз касеро,
Ҳамеша аз қавоқаш барф борад.

Ба ҳар мавзӯъ агар хоҳед, фавран
Қунад сесоата маърӯза тайёр.
Тиҳӣ аз мазза чун шулдурматезоб,
Хунук чун тармаи яххои кӯҳсор.

Нахондаст ӯ дар умри худ китобе,
Насозад «маҳз»-ро фарқ ӯ зи «маҳсӣ».
Надорад дӯст чизеро ба ҷуз худ,
Нагардад ҷуз ба мошинҳои шахсӣ.

Шавад гар рӯз рӯзи офтобӣ,
Надорад бовар ин тӯрачӣ бар он.
Бигӯяд: «Дина хондам дар газета,
Аҷаб не, барф борад ё ки борон».

Агар сардор гӯяд салла овар,
Ҳаял нокарда орад каллаеро.
Агар по монад ӯ бар сӯи саҳро
Бихушконад замини ғаллаеро.

Ба ӯ таъсир як ҷав ҳам набахшад
На шеъри Ҷомӣ, не расми Пикассо,

На созу нағмаҳои чанги Довуд,
Ва на овози мафтунсози Барно.

Аз ин гуна каси беруҳу бедил
Барои миллату давлат чи суд аст?!
Дили кас гар мирад пеш аз худи он
Ҷасад як чизи нодаркор будаст.

## ҶӮРАИ НОМЕҲРУБОН

*(Шикояти трактори дар саҳро монда)*

Механик, эй ҷӯраҷон,
Ҷӯраи номеҳрубон,
Моро кардӣ саргардон,
Шуд дарди ман бедармон.

Нагуфта ман рӯзу шаб,
Ҳизмат кардам чун маркаб.
Хирманҳо шуд лаббалаб
Аз пахтаи нукрасон.

Хуфтаам акнун дар сой
Сип-сиёҳ мобайни лой.
Сар то по вайрон, э вой,
Ҳолам зор, дилам бирьён.

Туро будам дасти рост,
Қор кардам бе каму кост,
Охир шудам мисли дос,
Гаштам беҳолу беҷон.

Бо ман ту чун ёр шудӣ,
Орден, нишондор шудӣ.

Ҳам «Волга»-савор шудӣ,
Шудӣ машҳури район.

Лек бахти ман будаст паст,
Не гайка, не баллон ҳаст.
Қабурғаҳоям шикаст,
Гардидам бехонумон.

Бо ин ҳоли ногувор
Охир чи сон кунам кор?!
Назар кун бар мани зор,
Ҷӯраи номеҳрубон.

## ОҲИСТА-ОҲИСТА

Ба фасли рӯҳафзои баҳор оҳиста-оҳиста
Шудам меҳмони иқлими Ҳисор оҳиста-оҳиста.
Ба дил гуфтам, ки чинам лолаи хумрою гирам шод
Нафасҳо аз ҳавои кӯҳсор оҳиста-оҳиста.
Вале карда саёҳат, сад дареғо, ки шудам дилгир
Зи хоку лою аз чангу ғубор оҳиста-оҳиста.
Ба сад уммед пас ворид шудам бар чорбоғаш, то
Нишинам дар таги беду чинор оҳиста-оҳиста.
Вале аз баҳри худ он ҷо накардам гӯшае пайдо.
Ҳама ҷо пур буд аз аҳли хумор оҳиста-оҳиста.
Ба ҷои гӯшт андар матбахаш линги магас дидам.
Гирифтам рӯза ман беихтиёр оҳиста-оҳиста.
Чу дидам ҳоли зори бостонӣ қалъаашро ман,
Ҷаҳон шуд пеши чашмам тангу тор оҳиста-оҳиста.
Дар охир аз Ҳисори шодмон гардида бас ношод,
Ба сӯи хона гаштам раҳсупор оҳиста-оҳиста.

## ДӮСТЕ ДОРАМ...

Дӯсте дорам, ки бинад равғанин гар ҷойро,
Бо сараш тозад ҳамоно монда кафшу пойро.

Чанд вақте ӯ бишуд чойхоначӣ, бо ин ҳунар
Кард қоил ҷумла чойхӯрҳои Эсамбойро.
Шуд мудир ӯ сонӣ бар дӯкони «Моли хоҷагӣ»,
Бар машина кард иваз,
нагзашта дере, тойро.
Ғел гашта ногаҳон бигзашт бар анбори чӯб,
Нав намуд ӯ хонаю ҷою зани нозойро.
Қор карда баъд аз он дар шӯъбаи роҳ андаке,
Сохт асфальтӣ раҳу пайроҳаҳои лойро,
Ҳолиё дар хоҷагии об «хизмат» мекунад,
Сӯи боғаш ҷорӣ гардондаст оби сойро.
Хайрият, набвад фалакпаймо, вагарна бегумон
Оварад бар рӯи бомаш моҳи гардунсойро.

## ОҚИБАТИ МАН-МАНӢ

Буд андар соҳили дарьё қамишзор,
Ту гӯӣ наҳрро буд сабз анҳор.
Ба рӯз он меҳрро омоҷгаҳ буд,
Ба шаб оинадори рӯи маҳ буд,
Насими фораму боди мулоим
Навозишҳо варо мекард доим.
Валекин сабзаҳои гирду атроф
Буданд афтода дур аз чашми алтоф.
Ба назди обу маҳрум з-об буданд,
Ниҳон аз меҳру аз маҳтоб буданд.
—Қамишбобо,—
бигуфто сабза як рӯз
Ба оҳанги ҳазину қалби пурсӯз,—
Биист он сӯтар ар набвад малоле,
Расад то бар дили мо ҳам шамоле.
Қамиш ошуфта,
посух дод бо таън:
— Дар ин ҷо ҳокими мутлақ манам, ман!

Нагардӣ ҳеҷ гаҳ бо ман баробар,
Ҳамон беҳ лаб бипӯшӣ, э тиҳисар!

Дар ин дам омада марди куҳансол
Бурид аз бун қамишро бе қилуқол.
Ба хона бурда онро бӯрьё кард...
Қамоли ман-манӣ бин,
ки чиҳо кард.

## БА ДОДИ ЧОРВО РАСЕД...

*(Дар баъзе колхозҳо*
*нисбат ба плани ему*
*хошоки чорво саҳлангорӣ*
*мекунанд)*

Мудири фермаи мо
Дар ваъдадиҳӣ усто.
Бо лофу гизоф канад
Ситораро аз само.

Қарору сводка пур,
Плони ош,
водка пур.
Аммо плони хошок
Лангад чун аспи ранҷур.

Дар зери сояи ток
Биншаста бо табъи чоқ,
Хӯрад бо ҷӯраҳояш
Ширу ҷурғоту қаймоқ.

Гап занед аз кор агар,
Гӯяд ӯ бо карру фар:
—То даме ки коғаз ҳаст
Қорҳо ванг аст, э додар.

Гӯяд, ки зимистон дур,
Барфу боду борон дур.
Алаф дар саҳро бисьёр,
Бузак-бузакам, намур.

Ба гӯшаш пахта монда,
Гардад ашулла хонда.
То нашнавад шикваи
Чорвои «зормонда».

Аз ин мудири нобоб
Шуд ҳоли чорво хароб.
Ба доди онҳо расед,
Раисҷон, бахри савоб.

## ТАЪНА МАЗАН

Аз сари шохи чинори нозанин
Ногаҳон афтод барге бар замин.

Дида ин аҳволро барги дигар
Қард бар он барги мискин таъна сар:

«Будай сусту гарангу бадниҳод,
Ки бидодӣ хешро бар чанги бод!»

Дар ҳамин дам шуд вазанда боди сахт,
Барфиганд онро ҳам аз шохи дарахт.

Бурд онро ҷӯ ба ҷӯю кӯ ба кӯ,
Обрӯяш гашт мисли оби ҷӯ.

Чун най маҳкам ба ҷои хештан,
Барабас бар дигаре таъна мазан!

## ТИР БА ҶОИ ШИР

*«Чанде пеш дар Нью-Йорк духтаре таваллуд шуд, ки дар меъдааш тир дошт. Модари вай ҳангоми тирпарронии полицайҳо ва роҳзанҳо тасодуфан маҷрӯҳ шуд. Тир ба шиками зани обистан бархӯрд ва дар батни модар сурбпора насиби кӯдак гардид»*

*Аз рӯзнома.*

Дар ҷаҳони сервату молу манол
Одамӣ як пул надорад эътибор.
Аз дами гаҳвора то тобут варо
Мекунад таҳдид марг аз ҳар канор.

Як тараф ҷабру ғами бечорагӣ,
Як тараф зулму азоби беҳисоб.
Арзанеро монад он, ки баҳри орд
Монда андар зери санги осиёб.

Ҷои мактаб, ҷои манзил, ҷои кор
Интизор ӯрост маҳбас, эшафот.
Зӯрию даҳшат бувад қонунасос,
Ғорату ришват бувад шарти ҳаёт.

Дар чунин дунё ба дунё омадан,
Зиндагӣ кардан чӣ душвор асту зишт.
Ҷуз ҷави ғурбат дарав натвон намуд,
Ғайри тухми ғусса натвон кард кишт.

Дида во нокарда тифл андар ҷаҳон
Мехӯрад ин ҷо ба ҷои шир тир...
Кас намедонад, ки боз ин тифлро
Чӣ балоҳоест дар пай мунтазир.

Қас намедонад, ки дар оянда ӯ
Мебарад ҳамраҳ чӣ мерос аз ҷаҳон.
Қисмати садҳо ҳазорон бачҷаҳо
Ин бувад ҷое, ки пул шуд ҳукмрон.

## МАН НАМЕМИРАМ

*(Назира)*

*То наорояд ҷавониям ҷаҳони пирро,*
*То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,*
*То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,*
*То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,*
*Ман намемирам,*
*Ман нахоҳам мурд!*

*Лоиқ.*

То либоси умри аъдоям нагардад бофта,
То ба номардон напӯшонам занона кофта,
То сари онҳо набинам зери поям тофта,
Нагзарам то з-ағбаи Анзоб туннель кофта,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То наорам гӯи сабқатро ба даст аз Анварӣ,
То насозам инқилоби тоза дар шеъри дарӣ,
То насӯзам дар миёни шаҳру қишлоқигарӣ,
То нагирам бӯса аз рухсори Меҳру Муштарӣ,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То ба обишхур наорам гургро бо гӯсфанд,
То набидҳам барҳам
аз олам нифоқу кизбу фанд,
То наорам мохро бар зер
аз чархи баланд,
То нагардонам ба пас оби Зарафшону Хуҷанд,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

## ШУКРОНА

*(Назира)*

*Аз Ватан то дур гаштам,*
*Хурду номанзур гаштам,*
*Ҷоми фахфури шикаста,*
*Қосаи тамбӯр гаштам...*
*Қосаи бишкаста будам.*
*Ханҷари бедаста будам..*

*Қутбӣ Киром.*

То зи «Ирфон» дур будам,
Ғиҷҷаки ноҷӯр будам.
Хаммаи беорд будам,
Дастаи бекорд будам.
Рукни беҳошия будам,
Шеъри беқофия будам.
Сӯзани беришта будам,
Арзани нокишта будам,
Хирмани бедона будам,
Тешаи бефона будам.
Тифли бегаҳвора будам.
Қутби беистора будам.

## НАРАВАД ЁДИ ТУ ҲЕҶ АЗ ЁДАМ...

*(Назира)*

*Пешпо хӯрдаму чун афтодам,*
*Ту намудӣ сари вақт*
*имдодам.*
*З-ин сабаб ҳам ба ту ман*
*дил додам.*
*Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам,*
*Чеҳраи шоди ту ҳеҷ аз ёдам.*

*А. Баҳорӣ.*

Дида дар кӯча туро дил додам,
Пешпо хӯрдаму пас афтодам.
Ту накардӣ сари вақт имдодам,
Лек молид чу духтур йодам,
Офият ёфт маро зоную даст.
Хайрият, «Ёрии таъҷилӣ» будаст.

Пешпо менахӯрам баъд аз ин,
Чунки дорам таги поям мошин.
То равам росту ҳушьёру маҳин,
Дар ҳама ҷо ГАИ бигрифта камин.
Ҳоҷати ёрии ту ин дам нест,
Фурсати ошиқии ман ҳам нест.

Ҳеҷ ёди гули боғат накунам,
Нохуш аз ишқ димоғат накунам,
Хона равшан зи чароғат накунам,
Набиёям ва суроғат накунам,
Чунки маъвои дигар дорам ман,
Сару савдои дигар дорам ман.

Ҳаяҷон ҳамла кунад чун сӯям,
Ҷои зулфони ту бензин бӯям.

Остин бар зада мошин шӯям:
Бар сари руль нишаста гӯям:
Наравад ёди
ту ҳеҷ аз ёдам,
Суръати боди ту ҳеҷ аз ёдам.

## ХОМӮШ

*(Назира)*

*Дар ин ҷо хок хомӯшу*
*Дар ин ҷо хокдон хомӯш.*
*Дар ин ҷо пир хомӯшу*
*Дар ин ҷо навҷавон хомӯш.*
*Дар ин ҷо кӯҳ хомӯшу*
*Дар ин ҷо рӯдҳо хомӯш.*
*Дар ин ҷо санг хомӯшу*
*Дар ин ҷо буттаҳо хомӯш...*

*Саидалӣ Маъмур...*

Дар ин ҷо шеър хомушу
Дар ин ҷо шоирон хомӯш.
Дар ин ҷо ранг хомӯшу
Дар ин ҷо рангдон хомӯш.
Дар ин ҷо мурдаҳо мурда,
Дар ин ҷо зиндагон хомӯш.
Дар ин ҷо ҳавз бесарпӯш,
Хамир дар корсон хомӯш.
Кушодем артели ашъор,
Вале «Ирфон» ҳамон хомӯш.
Бичӯшад деги мо,
то ҳаст
Мунаққид Отахон хомӯш.

## ДАР ДИЛАМ...

*(Назира)*

*Ҳамчу дар шаҳри Бухоро дар дилам*
*Шоҳини бемор месулфад ҳанӯз.*
*Дониш, он марди баруманди хирад*
*Дар дили ман панд мегӯяд зи сӯз.*

*Ч. Каримзода.*

Дар дили ман, дар Душанбе шоирон
Ҷумла бархезанд бо бонги хурӯс.
Дар дилам, чун дар Бухорою Хуҷанд
Шеър мегӯянд дар вазни арӯз.

Дар дилам, дорем ду Шоҳин кунун,
Ҳар ду ҳам дар соҳаи худ беназир:
Ин яке машҳур шуд дар вазни хос,
Дигаре дар вазну санъатҳои шер.

Дар дилам, девони Донишро ба хоб
Хондаму як чиз баҳрам шуд аён:
Байни шеъри ӯю байни шеъри ман
Фарқ бошад аз замин то осмон.

Дар дилам, дар осиёби назми мо
Ҳаст камтар орд нисбат бар сабӯс.
Дар дилам, аз рафтани айём панд
Ҷумъа Одина намегирад ҳанӯз.

Дар дилам, Мастон намегӯяд дурӯғ,
Қутбиро бар ин ҳамеорад гувоҳ.
Дар дилам, устод Айнӣ баски нест,
Панд мегӯяд ба мо Солеҳ Салоҳ.

Дар дилам, ки зинда гашта Рӯдакӣ,
Хонда ин шеъри маро шуд боз кӯр.
Хостам, ки доманаш гирам ба даст,
Лек ӯ худро дубора зад ба гӯр.

## ҶАВ ЛӮНДАТАР АСТ

*(Назира)*

*«Ман давидам, ӯ давид,*
*Ҳар ду давидем.*
*Ман шапидам, ӯ шапид,*
*Ҳар ду шапидем».*

*Наримон Бақозода.*

Тароша афтод аз бом,
Ман ҳам афтодам.
Риши сафеди бобом
Омад ба ёдам.

Мӯрча меравад ба кор,
Савори дулдул
Мехонад лаклак ашъор
Ба гӯши булбул.

Анкабут хӯрда яхмос,
Шудаст ангина.
Ду шохи гови қутос,
Чун ду антенна.

Баъди зимистон расад
Баҳор, э ҷӯра.
Аввал ҳандалак пазад,
Баъд шалғамтӯра.

Оби дарьёи Ому
Мисли шир тар аст.
Аз боқилою каду
Ҷав лундатар аст.

## ИХТИСОРИ ШТАТ

*(Масал)*

Шер чун сардори ҳайвонот буд,
Дод фармоиш ба нукарҳои худ,
Ки зи ҳар як қавму ҳар як бешазор
Як-ду ҳайвонӣ намоянд ихтисор.
Амри шери гандагарду боданӯш
Паҳн шуд дар байни аҷноси вуҳуш.
Дар яке аз ҷангалистони калон,
Ки буданд аксар палангон ҳукмрон,
Ҷамъ гашта баъди сайди ношто
Хостанд иҷро кунанд ин амрро.
Дар ҳамин дам ногаҳон омад ба гӯш
Аз миёни ҷонварон овози муш:
—Дӯстон, дар ҷангали мо дер боз
Гашта пайдо як вуҷуди думдароз,
Ҷисми худро ранг бинмояд мудом,
Бошад ин махлуқро товус ном.
Рӯзу шаб чун баққа қур-қур мекунад,
Хобро аз чашми мо дур мекунад.
—Нест дар ҳарфи рафиқ муш иштибоҳ —
Гуфт бигрифта сухан хуки сиёҳ —
Хоб дидам товус исьён кардааст,
Қирмҳоро хонавайрон кардааст...
Пас баромад бо шпаргалка шағол.
Гуфт бар товус дорам як савол:
Музди ночиз ӯ гирад чун чуғзи ланг,
Аз куҷо дорад пару боли қашанг?

Аз куҷо дар байни мо шому саҳар
Менамояд ҷилва бо ранги дигар
Монда гург айнак ба чашмон бовиқор,
Қард иншо як қарори обдор.
Дум биҷунбонида рӯбаҳ бо суҷуд
Ҳамраҳи маймун ба он имзо намуд.
Бо ҳамин минвол аз бӯстонсаро
Пеш карданд оқибат товусро.

Мешавад дар мо ҳам андар рӯзгор
Байни ваҳшитинатон ин гуна кор.
Пеши чашми ин қабили бадсияр
Ҳусн бошад қубҳу қаллобӣ — ҳунар.

## УШТУР ВА ТАККА

*(Масал)*

Дар саробӯстони уштур доимо
Таккае мекард осуда чаро.

Дар забони такка монанди шиор
Номи уштур буд ҳар лайлу наҳор:

«Дар ҷавонмардию эҳсону хирад
Кист то ҳамсанг бо уштур шавад?!

Мисли оҳу дилбар асту нозанин,
Мечамад товуси Ҳиндустон барин!»

Лек рӯзе баҳри як тақсири хурд
Ронд ӯро уштур аз даргоҳи худ.

Такка рӯ бар ҷониби саҳро ниҳод,
Шуд надими мешу бузҳои деҳот.

Ӯ кунун дар галла хизмат мекунад,
Доим уштурро мазаммат мекунад.

Аз шутур бадафту бадаъмолтар
Нест баҳри такка ҳайвони дигар.

## АҲЛИ РИКОБ

Фақат кори раиси артели мо
Саёҳат бошаду тӯю тамошо.
Паи «таҷрибаомӯзӣ» ҳама сол
Равад бар чор сӯ чун тӯби футбол.
Гаҳе бинем ӯро дар Сухуми
Паи ғун кардани фикри умумӣ.
Гаҳе дар кӯҳу сайронгоҳи Помир
Бувад саргарми сайди кабку нахчир.
Гаҳе дар Рига, гаҳ дар Боку бошад,
Ба чархи шаҳрҳо чун моку бошад.
Набошад якка ӯ дар ин сафарҳо,
Мудом аҳли рикобаш ҳаст ҳамроҳ:
Бубандад ноибаш дар роҳ дастор,
Раиси местком бошад ҷилавдор,
Главбух ҳар куҷояш соқӣ бошад.
(Раис бо ӯ набошад, бо кӣ бошад?!)
Барои гуфтани ҳар хел анекдот
Ниёзи кафшгар бисьёр устод.
Хаёлихӯҷаи танбурии маст
Зи побӯсӣ ба мисли дос гаштаст.
Маҳу солу замони бешуморест,
Ки дар артель ҷунин аҳвол ҷорист.
Намепурсад ягон кас ҳоли моро,
Харидоре набошад моли моро.
Плони кор беравнақ-касод аст,
Плони сайр аммо барзиёд аст.

Нагардад ҳеҷ гоҳе пур ками мо,
Ба иқболи раиси беғами мо
Қалонони Вазорат зинда бошанд,
Ба фарқаш тангаи шӯҳрат бипошанд.

## ГУВОҲНОМА

*(Масал)*

Баҳри шер исправка шуд даркор,
Рӯбаҳи ланг буд варо саркор.
Сарвари худписанду дайдую маст
Бинавишт ин ки шер харгӯш аст.
Шер аз ин кирду кор ҳайрон шуд,
Назди шоҳ рафта додхоҳон шуд.
Баҳри тафтиш шоҳ-хирси бузург
Арзаи шерро супурд ба гург.
Гург-даллоли бовафои шоҳ
Буд писархонди боҷаи рӯбоҳ.
Дар сари хони нағз густурда,
Хуни чанд оҳубарраро хӯрда,
Дод тартиб номаи зерӣ:
«Он ки месохт даъвии шерӣ
Шер не, балки ҷонвари дигар аст,
Ҳарфи рӯбаҳ ҳақ асту мӯътабар аст!»

Шерро то кунун ба беша вуҳуш
Мебаранд истифода чун харгӯш.

## БУҚАЛАМУН

Чу парранда ба ҳар ҷо монда лона,
Зияд, хандида бар риши замона.

Дарояд гар ба зери оби дарьё,
Барояд хушк аз он ҷо саропо.
Фиканда бар дами оташ намирад,
Ба як мижгон задан сад ранг гирад,
Ба ҳар ҳезумкафоне фона гардад,
Ба зулфи ҳар парирӯ шона гардад.
Агар биншинад ӯ бо зоғ дар боғ,
Суруди зоғро хонад шуда доғ.
Чу бо каргас намояд ҳамҷиворӣ
Ҳамоно сар кунад бар мурдахорӣ.
Қатори ландаҳурон ландаҳур ӯст,
Қатори кисабурон кисабур ӯст.
Гаҳе паргор, гоҳе теша бошад,
Рафиқи киса, ёри шиша бошад.
Агар сардор хандад, хандад ӯ зуд,
В-агар сардор ранҷад,
ранҷад ӯ зуд
Ба ҳар соат ду сад касро фурӯшад,
Зи гови нар ҳамеша шир ҷӯшад.
Миёни шолизорон курмак аст он,
Ба пеши дӯсту душман як аст он.
Ливои давррo ин зоти фонӣ
Бувад озах ба рӯи арғувонӣ.
Чунин як махлуқи найрангбозе
Дучор ояд агар дар ҳар либосе,
Қалӯшашро ба пешаш чаппа монед,
Варо аз маърака фавран биронед.

## ШОИР ВА МУНАҚҚИД

Як мунаққид кард аз шоир савол:
—Гар равӣ рӯзе ба моҳ
Гӯй, ки девони ашъори киро
Мегирӣ бо худ ба роҳ?

Дод посух шеърбофи худписанд,
Бо ҳазорон карру фар:
— Одатан девони худро ҳамраҳам
Мебарам ман бар сафар!

—Ту чӣ?— шоир бар мунаққидчӯрааш
Дод айнан ин савол.
—Ман-мӣ?—Гуфта ҷӯраи танқидчиаш
Рафт бар фикру хаёл,—

Ман накардастам китоберо ҳанӯз
Баҳри ин кор интихоб.
Қарда бо сардорам аввал маслиҳат
Пас ба ту бидҳам ҷавоб.

## НУТҚИ ҚУҚУ

Шавад маҷлис агар дар байни мурғон,
Ба гап пеш аз ҳама куку барояд.
Ба васфи сарвари нав-ҳазрати Зоғ
Суруди кӯҳнаи худро сарояд.
Парашро бар пари товус диҳад ранг,
Ба булбул хонишаш ташбеҳ намояд.
—Хироми' кабк,— гӯяд,— сахт беҷост,
Хиромидан зи Зоғ омӯхт бояд.
Бимон, то Зоғ амон бошад, вагарна
Ба моён зиндагӣ бе ӯ сар ояд...
Қу он мурғе, ки баъди нутқи куку
Ҷасорат карда дигар лаб кушояд!

## НЕ ИНУ НА ОН БОШАД

Боз ин чӣ сару савдо,
Боз ин чӣ такопӯй аст?!

Дар деҳкадаи боло
Гӯё, ки калон тӯй аст.

Ду ноибу се шофёр
Парвона ба гирди зал.
Саркотибу бухгалтер
Оро бидиҳанд устал.

Ҷамъ омада бар хизмат
Аз подачӣ то аттор.
Қу, тӯҳфаи кӣ қиммат —
Яхдон, бара ё тулфор?

Се чорӣ, ду гови маст
Гаштанд алакай қурбон...
Ин ҷашни арӯсӣ аст,
Ё тӯи ҳама район?

Густохикунон додам
Ин гуна саволеро.
З-он маърака як одам
Бо ханда ба ман гуфто:

—Бас содда ҷавон будӣ,
Не ину на он бошад.
Ин рӯзи таваллуди
Садри деҳамон бошад.

## ЯКЕ АЗ РӮЗҲО...

Яке аз рӯзҳо, ки бениҳоят
Ҳамезад чокари ғусса дарамро,
Бурун аз хона рафтам, то ки шояд,
Диҳам таскин дили балвогарамро.

Зи одам буд автобус лаболаб,
Нишастам ман ба он дарронда ҷома.
Дарозам кард кондуктори «камгап»
Ба белат замкунон се рӯзнома.

Зи дӯконе, ки воқеъ рӯи роҳ аст,
Харидан хостам як сар калоба.
Ба фармони кадомин зоти чапдаст
Ба сарборӣ бидоданд офтоба.

Супурда ҳаққи барқу манзилу газ,
Талаб бинмудам аз кассир бақия.
Валекин чин ба абрувон зада, пас
Биғурронд ӯ ба сӯям лоторея.

Шудам ташна, паи нӯшидани об
Ба боғи шаҳр рафтам чоштҳангом.
Бигуфто пешхизмат:— Бе майи ноб
Қасеро надҳам асло оби баржом...

Ба хона омадам озурдааъсоб,
Ки то мононам андак дарди сарро.
Барои он, ки пулро кардам исроф,
Ба рӯям завҷаам барбаст дарро.

## АГАР ДОНӢ...

*(Ба баъзе ҳофизони аз шудашон пушаймон)*

Шудам аз хондани якранги ту безор, агар донӣ,
Ба ҷои шодӣ бар дилҳо диҳӣ озор, агар донӣ.
Чи овоз аст ин ки аз шуниданҳои он ҳар бор
Гумон созам расида бар тани ман хор,
агар донӣ.

Ҷаҳонбинии ту аз хона то даргоҳи бухгалтер,
Надорӣ ту ба ҷуз ин ду дигар роҳу дигар тадбир.
Накӯшӣ ҳеҷ баҳри инкишофи санъати халқат,
Тамоми умр дар ҳар ҷо занӣ бар сӯи худ кафгир.

Надорам ҳеҷ шубҳа дар ҳақиқат ҳам «забондонӣ».
Бихонӣ гоҳ туркӣ, гоҳ тозӣ, гоҳ эронӣ.
Вале халқе ки нону ном дода тарбият кардат,
Забонашро намедонӣ, сурудашро намехонӣ.

Чи гӯям боз, ки аз гуфтанам ногуфтанам беҳтар,
Ҳар он чи дидаю бишнидаам, бинҳуфтанам беҳтар.
Савоб он аст, ки бошам ба вақти хуфтанат бедор.
Ба вақти хондану бедории ту хуфтанам беҳтар.

Қасам бо номи устодони саҳна менамоям ёд,
Ки то ҳастӣ ту дар театр, аз он ҷо канда поям бод,
Намехоҳам,
ки пул дода харам ман дарди сар бар худ,
Намехоҳам,
ки гӯшам кар шавад аз шавқуну фарьёд.

## БУЛБУЛ ВА ҶУҒЗ

Рӯзе аз рӯзҳо гувори ҷуғз
Ҷониби боғу марғузор афтод.
Булбулеро бидид чаҳ-чаҳзан,
Бинишаста ба шохи гул озод.

Дили ӯ реш аз ҳасад гардид,
Хотираш яксара парешон шуд
Шуда наздиктар ба мурғи саҳар,
Пас забон баҳри шиква боз намуд:

Зиндагӣ кардан андар ин кишвар
Баҳри ту, булбуло, басо хуб аст:

Ҳар тараф хурраму гулу гулзор,
Ҳар тараф обшору марғуб аст.

Ҳар кучо, ки равӣ ту, дар он ҷо
Ошиқи хонишу суруди туанд,
Ҳар кучо дар миёни одамҳо
Бошадат эътибору қадри баланд.

Месароянд аз қадим айём
Шоирон васфи бардавоми туро.
Дар навою дар ошиқӣ ба ҷаҳон
Шӯҳравар кардаанд номи туро.

Лек умрест, ки мани сарсахт
Мекашам бори хорию зиллат,
Дар миёни парандагони ҷаҳон
Талхтар аз ҳама маро қисмат.

Байни мардум надорам асло қадр,
Шуда дар ин диёр ҳолам танг.
Кӯдаки ҳафтсола ҳам ҳатто
Гар бубинад маро, занад бо санг.

Дер боз ин ки ҳаст амри маҳол
Ёфтан аз барои ман лона.
Чунки дар ин Ватан намонда кунун
Ҳеҷ ҷои харобу вайрона.

Пас намондаст ҷораи дигар
Магар ин ки кунам ҷилои Ватан.
Лек бар рафтанам ба мулки ғайр
Нагузорад маро ҳавои Ватан.

Дод посух ба ҷуғз мурғи чаман:
Хоҳӣ бошӣ бабахту некӯрой,

Гузар аз бахри пешаи бади худ.
Хислати хешро дигар бинмой.

Даст каш аз ҳаёти шумхабарӣ,
Умри худро зи нав намо оғоз.
Дар дилу синаҳои одамҳо
Лона аз хулқи неки худ андоз.

## ГӮЕМ: ҶАҲОН-ҶАҲОН МУБОРАК!

*(Ба 60-солагии устод Боқӣ Раҳимзода)*

Устод, шукӯҳу шон муборак,
Ҷашну тараби калон муборак,
Ин бахти баланду толеи нек,
Ин шуҳрати бекарон муборак.
Аз меҳнати пуршараф,
чу байрақ,
Бар синаатон нишон муборак,
Наззораи лутфу меҳрубонӣ
Аз миллати меҳрубон муборак.
Эй соқии базми Ҷам, шуморо
Макдам ба ҳар остон муборак.
Дар ҳаҷвия чун Убайди аввал
Бастед қавӣ миён муборак.
Паймудани роҳи назми олӣ
Дар силки суханварон муборак.
Дар иди муборакн шумо мо
Гӯем ҷаҳон-
ҷаҳон муборак.
Шогирдӣ бар бузург устод
Эй Ҳоҷии тарзабон,
муборак!

## АҲМАДИ ПОРИНА

Гар ба боғи шаҳри мо меҳмон шавед,
Бедимоғ аз ҳар канори он шавед.
Он на ҷои сайру гардиш кардан аст,
Маскани безорию хулиган аст.
Як тараф авбошу
мasти бешумор
Дарфитода бар каши ҳар раҳгузор,
Гӯшро аз шӯру шар кар мекунанд,
Гӯй сар ғавғои маҳшар мекунанд.
Як тараф «эркачаҳо»-и асри бист
Ғарқи «Роккен-ролл» ҳастанду «Твист».
Бо ҳавои мубҳами дилнописанд
Маймуносо ҷасту хезе мекунанд.
Дар қироатхона биншаста қатор
Мезананд аҳли риё бангу қимор...
Ҳар кӣ бар самбӯса дорад иштиёқ
Баъди хурдан мешавад кораш чатоқ.
Варм бинмуда шикамро аз пиёз
Як сӯмиро дода пас гардад халос.
Чои Рустам ҳам надорад рангу нур,
Оби ҷӯш аз ӯю
чой аз чойхӯр.
Аз радиокарнай ояд як садо:
Боғи шаҳри мо ба чӣ «Ухшайдиё?»
Роҳбарони боғи шаҳри некном,
То кай ин аҳвол месозад давом?
Баъди сайри боғ
касро ғам гирад,
Вай ба хона рафта бояд дам гирад.
Аз миёна чанд тобистон гузашт,
Чанд қавлу ваъдаю паймон гузашт.
Лек Аҳмад Аҳмади порина аст,
Боғ доғ ин шаҳрро дар сина аст.

## БУЗИ АЙНАКДОР

*(Масал)*

Ҳамгузари ҳазлкаши мо Саид
Дошт бузи лоғараки сап-сафед.
Рӯзу шаб аз пушти вай овора буд,
Бо дилу ҷон парваришаш менамуд.
Рафта ба бозор ҳамеша Саид
Баҳри бузи хеш алаф мехарид.
Чанд маҳу ҳафта гузашт аз миён,
Шуд бузаки хурдакаки ӯ калон,
Шохзану фарбеҳу бардам бишуд,
Табъи Саид аз бузи худ чоқ буд,
Лек чу айёми зимистон расид,
Сӯхт ба якбора димоғи Саид,
Гарчи ҳамекард басе ҷустуҷӯ,
Ёфт намешуд алаф аз ҳеҷ сӯ.
Чун надаровард алаф ӯ ба каф,
Коҳ биёвард ба ҷои алаф,
Лек буз аз коҳ бигардонд рӯ,
Ҳеҷ намехӯрду намехуфт ӯ,
Карда сарашро бурун аз тарқи дар,
Навҳа ҳамекард зи банди ҷигар.
Қалби Саид сӯхт ба ҳоли бузак,
Кард яке роҳи халосӣ дарак,
Лек чӣ созад,
                    ки вай имкон наёфт,
Ҳеҷ дигар чораю дармон наёфт.
Лек ба якбора рухаш гашт шод,
Айнаки сабзаш чу биёмад ба ёд,
Ёфта сабзайнаки зебои худ,
Бурда ба чашмони бузак баст зуд,
То ки ба чашмонаш аз ин «ихтироъ»
Сабз битобад, чу алаф, парри коҳ.

Чун алафи сабз буз онро хӯрад,
Шояд аз ин ҷон ба саломат барад.
Лек ба хашм омада буз, сӯи кох
Ҳеҷ намекард ақаллан нигоҳ.
Зад ба замин каллаи худро ба шаст
Айнаки зебои Саидро шикаст.
Бар аламй гушнагӣ н-оварда тоб
Мурд бузак рӯзи дигар аз азоб.

* * *

Бинӣ ту, ҳастанд басе раҳбарон:
Ҳамчу Саид аст амалу корашон.
Беҳуда созанд фақат ман-манӣ,
Сер ба ҳилла ҳамаро карданӣ.
Аз бузу айнак бинамуда қиёс,
Кун ҳазар аз раҳбари найрангбоз.

## ДӮСТГОНӢ

*(Дар рӯзи 50-солагии Ф. Муҳаммадиев)*

Дар чунин рӯзи муборак шеър тазмин мекунам,
Бахши ту аз боғи дил эй дӯст, гулчин мекунам.
З-он ки бо ту ҳамсабақ, ҳампешаам, ҳамрешаам,
Сарфарозӣ аз замин то моҳу парвин мекунам.
Мушфиқиосо зи бас оби Зарафшон хӯрдаӣ,
Табъи ту шӯху равон шуд, шодӣ аз ин мекунам.
«Одамони кӯҳна», «Дар он олам»-атро хонда ман,
Шукри даврони навин, даврони Ленин мекунам.
Аз «Утоқи кунҷакӣ»-ат ҳам гирифта нашъаҳо,
Дорую дармони ҷону қалби мискин мекунам.
Солҳои комсомолиро чу меорам ба ёд,
Дарзамон садҳо ҳикоятҳои рангин мекунам.

Гарчи ҳар ду Ҳоҷием, аммо нарафта ман ба ҳаҷ,
Қоми худ бо тӯшаи ҳаҷви ту ширин мекунам.
Ҷӯраи панҷоҳсола, Фазлии фазлу ҳунар,
Хомаронӣ кун камаш сад сол!
Омин мекунам.

## АНДЕША КУН

*(Дар пайравии Аҳмади Ҷомӣ)*

Пеш аз он, ки гирӣ мошина, зи ҷо андеша кун,
Дар утобус шинӣ, аз ҷайбу қабо андеша кун.
Гар ба сар дорӣ ҳавои хониши магнитофон,
Аз навору лентаи мушкилкушо андеша кун.
Қайф дорад дидани оинаи гетинамо,
Лек аз устоҳои гум карда ҳаё андеша кун.
Дар дӯконҳо тухми анқо шуд матои ҳарфи худ,
Мезананд аз чашму абру сурмаро, андеша кун.
Ташналаб бошӣ,
қадам бар даргаҳи «Роҳат» манеҳ,
Аз палоси кӯҳна, чои беҷило андеша кун.
Аз таоми баъзе матбаххо наёбӣ маззаро,
Шӯрбо хоҳӣ, зи оби раббано андеша кун.
Ҳоҷиё,
дар сабки ҳаҷв ашъори тар гуфтан хуш аст,
Лекин аз девори намкаш доимо андеша кун.

## ШУД-ШУД НАШУД-НАШУД

*(Тазмин ба шеъри М. Фарҳат)*

Ороми ҷон, висоли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд,
Сӯям вазон шамоли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.
Ин дил агар тапад ба хаёлат, бимон тапад,
Ин сар агар кашоли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.

Ин шарфи гарданам, ки бувад моли Амрико,
Дархурди дарзмоли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.
Мижгони ман, ки ҳоҷиби ду дидаи ман аст,
Ҷорӯби шоли поли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.
Зулфат насиб агар нашуд, зулфи худам бас аст,
Шими ман эътидоли ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.
Дар мансаб ар чи ошиқат кам нест аз вазир,
Қурбони хатту холи ту шуд-шуд, нашуд-нашуд.

## МУАММОИ МАРКАБ

*(Аз Сергей Михалков)*

Муҳаммад дошт маъво дар кӯҳистон,
Зи чашма дур буд кошонаи он.
Аз ин рӯ дар саро ҳар рӯзу ҳар шаб
Чу бобояш нигаҳ медошт маркаб.
Зи пайроҳа шавад ҳар гаҳ равона
Қашонад об бо маркаб ба хона.
Равад маркабсавор ар сӯи беша,
Қашонад ҳезум аз он ҷо ҳамеша.
Ба ӯ маркаб мададгору зарур аст,
Бувад бемаркаб ӯ бепою бедаст.

Алӣ ибни Қамол андар вилоят
Зи хурдӣ истиқомат менамояд.
Бувад дигар Алиро шуғлу пеша,
Нагардад аз паи ҳезум ба беша.
Бинӯшад аз қубур оби мусаффо,
Утоқаш равшан аз барқ аст шабҳо.
Диҳад ингуна фармон як пагоҳӣ:
«—Зи баски бар Қоммунизмем роҳӣ,
Ба мо дар кӯҳу водӣ ҳаст лозим.
Ки маркабро тамоман маҳв созем!»

Муҳаммадро ҳисоб акнун бишуд гум,
Зи беша оварад дар пушт ҳезум.
Қашонад бо чалак аз чашмасор об,
Надорад лаҳзае оромию хоб.
Аракро пок карда аз сару рӯ,
Бигӯяд бо таассуф худ ба худ ӯ:
«Намедонам, чи сон дар кӯҳу дар дашт
Халал маркаб ба корам мерасондаст?!»

## ЗИҲӢ ДАВЛАТ!

*(Назира ба М. Аминзода)*

Зиҳӣ давлат,
ба шастум соли умрам низ барноям,
Барад рашку ҳасад ҳар як ҷавон бар қадду
болоям.
Сухан дар парда мегӯям,
шароби дурда меҷӯям,
Раҳи тайкарда мепӯям,
надорам ғам зи фардоям.
Зи ҷамъи неъмати даврон наям бебаҳра то алъон,
Намонда аз маю маъшуқа армону таманноям.
Маро пайдо намудан бо чароғ аз хона душвор аст
Зи дасти безанӣ умре муқими ресторанҳоям.
Зи ҳар хӯша ду-се шингил кифоя баҳри ман бошад,
Биҷӯшад мисли деги шӯрбо табъи гуҳарсоям.
Зи нони тарҷумонӣ доимо комам бувад ширин,
Ба мисли тӯтиён аз пушти табъи худ шакархоям.
Ба ҳазлу базлагӯӣ ман надорам устухон ҳарчанд.
Ба ғайр аз устухон набвад дигар чизе дар аъзоям,
Муҷаррад тай намуда синни ҳаштоду навадро пас
Ба синни сад арӯсӣ ҷашнро дар Миррих орояям.
Пас аз садсолаҳо авлоди ман бо фахр мегӯянд,
Ки ҳамасри Аминзода-амак буд Ҳоҷӣ-Бобоям.

## ШОИР, БАРОДАР, КАДХУДО

*(Ба С. Ва召изода)*

Бар табъи шӯхат офарин,
Эй зодаи Хатлонзамин,
Шод аз ту шуд рӯҳи Ленин,
Шоир, бародар, кадхудо.

Домони ҳиммат барзадӣ,
Хасми Ватанро сар задӣ,
Гаҳ хома, гаҳ ханҷар задӣ,
Шоир, бародар, кадхудо.

Шуд чун зарур,
　　　　　　воиз шудӣ,
Гӯруғлигӯ ҳофиз шудӣ,
Сарбози асри бист шудӣ,
Шоир, бародар, кадхудо.

Даврон саробонӣ намуд,
Пири сухандоне намуд,
Мушфиқии сонӣ намуд,
Шоир, бародар, кадхудо.

Шеърат ба мо байроқ шуд,
Қалби аду садчок шуд,
Табъи ҳалоиқ чоқ шуд,
Шоир, бародар,
　　　　　　кадхудо.

Ҳафтод сол Ибни Валӣ,
Байту ғазал гуфтӣ вале
Мондӣ ҷавон доим, бале!
Шоир, бародар, кадхудо.

Эй нозими халқу диёр,
Ҷамбули мулки кӯҳсор,
Шеърат ба мо бошад шиор,
Шоир, бародар, кадхудо.

## ОШИҚУ МАЪШУҚ БОШАМ

Дӣ рафта будам ба хонаи ақди никоҳ
Дидам ду ҷавонро бинишаста ҳамроҳ.
Лекин келин кадому домод кадом,
Маълум нашуд.
Мудири ЗАГС аст гувоҳ.

Мӯҳои ту чангкардаро мемонад,
Рӯҳои ту ҷангкардаро мемонад.
Мижгони дарози ту чу ҷорӯб бувад,
Ки ғозаю рангкардаро мемонад.

Дар бошӣ ту гар,
ошиқу маъшуқ бошам,
Гар бошӣ ту ош, кош қошуқ бошам.
Ҳам гаҳ,
ки хиромон биравӣ бар саҳро,
Андар бари ту канору фартук бошам.

Дар фермаи мо таккаву буз афзун аст,
Аз бедаву ҷав коҳу сабус афзун аст.
Гӯед, ки тухму гӯшт чун афзояд,
Вақте ки зи мокиён хурӯс афзун аст.

Пеш аз нафаси бутон зимистону баҳор
Меомадӣ бӯи анбару мушки татор.
Лекин ҳама имрӯз чу ман дар аҷабанд,
Қ-ояд зи даҳони ту фақат бӯи сигор.

## ҚИССАИ РОҲ

Хорпуштакҷон, бародар, ассалом,
Гӯш кун баъди салом арзи калом.

Гар шавӣ бар Конибодом меҳмон,
Қиссаи роҳи варо дониста мон,—

То нагардӣ мисли мо сарсон ту ҳам,
То намонӣ байни раҳ ҳайрон ту ҳам.

Корат афтад гар ба сӯи Ҷарбулоқ,
Ҳамраҳат,
зинҳор гир култуқтаёқ.

Дар зимистон лой, дармонад шутур,
Дар баҳор аз чанг гардад бинӣ пур.

Рафтанӣ бошӣ ба Маҳрам ту агар,
Бояд ин ки бандӣ маҳкамтар камар.

То зи бардорузани мошинаҳо
Н-ой бар хона ту бо қадди дуто.

Бар Ниёзбек ҳам барои рафтуо
Киштӣ даркор аст, албатта, туро.

Аз бадии роҳи он асло мапурс,
Шарҳи онро худ зи шофёрҳо бипурс.

Орзуи Шӯрқурғонро макун,
Ёди Қӯчакро зи сар бинмо бурун.

Ғайр аз ин бо дидаи диққат нигоҳ
Соз бар ҳоли мусофирҳои роҳ.

Дар раҳи мошина ҳастанд интизор
Ҳафтаҳо, рӯзу шабони бешумор.

Нест дар кори ЛАТУ низ интизом,
То кай ин аҳвол месозад давом?!

Хорпуштак, аз ту дорем илтимос:
Дасти ёрӣ кун ба сӯи мо дароз.

Бар калони роҳ боре нағзакак
Хорҳоятро халон, ҳам деҳ сабак.

Зудтар бар дарди мо дармон намо,
Қиссаи душвори роҳ осон намо.

# ЭПИГРАММАҲО

## ТӮТИИ БОЭЪТИБОР

Тӯтӣ аз он рӯй шуд боэътибор —
Соҳиби аввал мукофот ин, ки ӯ
Гуфтаҳои соҳибашро мӯ ба мӯ
Мекунад такрор ҳар лайлу наҳор.

## ДАР ОИЛАИ ВОИЗ

Дар халқаи хонадони лектор
Байни зану кӯдакони наврас,
Одат шудааст, чун зи минбар,
Гӯянд сухан зи рӯи коғаз.

## ҚӮРМӮШ ВА ЧУҒЗ

Гашт пурсон кӯрмуш аз чуғзи маст:
— Ҷӯра, дар олам чӣ гапҳои нав аст,
Дод посух чуғз — Ёри ғамгусор,
Чор сӯ бошад ҳамеша тангу тор.

## ЗАБОНДОН

Занад лофи забондонӣ ба ҳар ҷо,
Бале чандин забонро хуб донад.
Вале бозӯр аз рӯи луғатҳо
Забони модарашро ӯ бихонад.

## ҶОРУБ

Бе курб ба кунҷи хона мехуфт,
Ногаҳ биншаст он ба авранг,
Зеро ки ба вакти хизмати муфт
Пошад бар чашм ноаён чанг.

## НАҚШИ ҒАММОЗ

Нест пинҳон аз он ягон розе .
Шуғли дерини ӯст ғаммозӣ.
Гарчи аз кӯчаи театр ӯ
Нагузашту надид устозе,
Нақши ғаммозро ба саҳни ҳаёт
Аз ҳама хубтар кунад бозӣ.

## САРОЙБОН

Чанд гоҳе харе калон гардид,
Дар деҳистон саройбон гардид.
Гашта-гашта тамоми дарҳоро,
Ҷамъ бинмуд кӯру карҳоро.
То нагардад бурун зи дарвоза
Харияш ошкору овоза.
Фош бинмуд бо вуҷуди он,
Охир онро дарозии гӯшон.

## НОХУНАК

Нохунак зиндагӣ дорад ба ҷаҳон
Доимо аз паси фикри дигарон.
Ҳар куҷое, ки шавад фикр тамом,
На асар монад аз ону на нишон.

## НОСЕҲИ ҒАЙРИ МУТАНАССЕЪ

Зану фарзандро аз хонааш ронд,
Чу куку ҷои дигар ошьён монд.
Барои баччаҳои мардум имрӯз
Шудаст ӯ шеъргӯю ҳикматомӯз.

## ХАЙРИЯТ...

Хайрият, ки ӯ нашуд ҷарроҳи тиб,
Хайрият, ки шуд мунаққид, шуд адиб.
Гар табибиро ҳамекард интихоб,
Ҳоли беморони мо мешуд хароб.

## ТАЪБИРИ ХОБ

Хушомадхоҷае дидаст дар хоб,
Ки бо сардор менӯшад маи ноб.
Шудаст аз ҷуръаи хурсандӣ маст он,
Саги сардорро ногаҳ задаст он.
Саги сардори ӯ афғон кашидаст,
Хушомадхоҷаро заҳра даридаст.
Зи хоби ҳавлнок ӯ гашта бедор
Бубинад, ки на саг ҳасту на сардор.
Фақат бар гӯшаи лабҳош филҳол
Дамидаст аз ҳаросу тарс табхол.

## ҚИРМИ ПИЛЛА

Хазида домани барги хазонро,
Надида не замин, не осмонро,
Ба рӯи барг нақши хеш бигзошт,—
Паи борики ҳамчун ресмонро.
Гумон кард ин, ки андар зарфи як шаб
Бипаймуд ӯ ҳама рӯи ҷаҳонро.

## ЧАРО ШОФИР НАШУД...

Соҳиби мошина чун шоир бишуд,
Дар фани ронандагӣ моҳир бишуд.
Хонда шеъру дида мошинрониаш,
Ҳайфам омад, ки чаро шофир нашуд...

## ҚОРИ ДУШВОР

Лаганбардор дар тӯе пиён шуд,
Ба ҷӯ афтода пас дарди миён шуд.
Даме, к-омад ба худ аз шиддати дард
Даруни дил басо афғон ҳамекард,
Қи баъд аз ин барояш пеши сардор
Бувад таъзим кардан қори душвор.

## БОРИ НАХУСТ

Дар тамоми умри худ бори нахуст
Қард бефармоиши сардор қор:
Чун гиребонгир шуд дасти аҷал,
Гашт бар дунъёи дигар раҳсипор.

## САРБОРӢ

—Қартае, ки буд дар он овози ман,—
Бо такаббур гуфт бар шаҳбоз зоғ,—
Рафт дар як рӯз даррав бар фурӯш.
Менаёбӣ, гарчи ҷӯӣ бо чароғ.

—Шак надорам ман ба йн,— шаҳбоз гуфт,—
Лекин аз рӯи шунидам, одамон
Қардаанд андар паси он қарта сабт
Савти булбулро.
Ту сарборӣ ба он.

## ЧАНД ПУЛ?

Чун шавад шеърам ба матбуот чоп,
Аз ҳарифон мешавам баъзан малул.
Ҷои хондан медиҳанд аксар савол:
«Ҷӯраҷон, аз он гирифтӣ чанд пул?»

## ГУНҶИШКИ ОЛИМ

Зи ҳар хирман намуда ҷамъ дона,
Гизофу лофи он берун зи ҳад шуд.
Баланд акнун варо шуд ошьёна,
Нашуд мулло, валекин номзад шуд.
Бишуд бо бозу боша ҳамтарона,
Ба кабку андалебон раҳбалад шуд.

## ОДАТИ ИРСӢ

Набувад кор зоғро бар ҳусн,
Бинад ар себи тозаю бечирм,
Дарунашро бикобад он бо ҳирс,
То ки ёбад ба худ аз он ҷо кирм.

## ХАРГӮШИ ДАЛЕР

Ба ҳар ҷо гар набошад шер, ӯро
Разилу ношуду бадгир гӯяд.
Вале ҳозир шавад чун шер: «Урро!
Ба олам зинда бодо шер!» — гӯяд.

## ҲАР ДУ ЗИНДА МОНДАНД

Ҷавони ошиқе гуфто! «Нигоро,
Ба ман марг аст бе ту зиндагонӣ!
Ҷавобаш дод духтар: «Бе ту моро
Ҳаром ин зиндагӣ, эй ёри ҷонӣ!»

Вале рӯзе шамоли рӯзгорон
Ба ду қитъа дуи онро бияфканд...
Аҷобат нест ин дар асри моён,
Аҷобат он, ки ҳар ду зинда монданд.

## БАСТА ШУД ӮРО ДАҲАН

Дасти худро бар сари сина зада,
Доимо меронд аз минбар сухан.
Ҳамчу деҳқони сухан медод бод
Қоҳи нуқсу иллати навву куҳан.
Лек чун бар курсии мансаб нишаст,
Мисли моҳӣ баста шуд ӯро даҳан.

## САФАРИ ЭҶОДӢ

Аз диёри тоҷикон бар Шарқи Дур
Рафт як моҳи тамом.
Зиндагӣ «омӯхт» дар майхонаҳо,
Бо хаводорони ҷом.
Баъд аз он нома ба ёри худ навишт,
Кард онро шеър ном.

## ДОРУИ ГАМБӮСК ПОРУ

Бишуд гамбуск рӯзе сахт ранҷур,
Биёмад бар дари занбурдухтур.
Варо духтур:—
чиғилдонат касал,— гуфт.
Ба дарди ту даво бошад асал,— гуфт.
Вале гамбускро ин гап нафорид,
Ҳамон дам аз қавоқаш барф борид.
—Бароям,— гуфт,—
ҷуз саргину пору
Ба олам чизи дигар нест дору!

## ОВОЗИ МОТОР

Пештар бисьёр буд андар деҳи мо гову мол,
Ширу чурғоту панир аз ин сабаб буд бемалол.
Ҳолиё чои тавила, оғилу каҳхонаҳо
Ҳар кучо созанд мошинхонаю таҳхонаҳо.
Мо ба чои баъаси мешу гавони бешумор
Бишнавем акнун зи ҳар як кӯча овози мотор.
Меравад бар шаҳр бо мошина марди деҳқон
То ки орад ширу чурғот аз барои кӯдакон.

## ВАРСОҚИХОНӢ МЕҚУНАНД

Ҳайратам афзун шавад бинам гаҳе номи туро
Ҳамраҳи Саъдию Ҳофиз бар забонҳо мебаранд
Шеърҳои обакиатро ба монанди шиор
Васф карда ҳар замон бар осмонҳо мебаранд.
Ин муаммоест, ки бар ҳаллу бар идроки он
Ақлу ҳушам очизию нотавонӣ мекунанд.
Ё ки ман аз олами шеъру саноеъ нестам,
Ё ки саррофони мо варсоқихонӣ мекунанд.

## ШАРҲИ ҲОЛ

Дар шеър накард кораш омад,
Он гоҳ ба наср шуғл варзид.
Лекин насраш ҳам аз паси наср
Гардид ҳадаф ба тири танқид,
То доди худ аз касон ситонад
Шуд охир «адиб»-и мо шунаққид.

## БЕМОРӢ АВЛОТАР

Ранчи беморӣ донад авлотар
Булбули зор зери гулбуни зард,

З-он ки бар ҳолпурсиаш ояд
Зоғ бар боғ бо кареҳаи сард.

## ТӮИ КАЛОН

Зада аз ризқи хешу кӯдакон ӯ
Бидод андар деҳа тӯи калон ӯ.
Қунун хурду хӯрокаш чою нон аст,
Зи кӯяш муш ҳатто дилгазон аст.

## ОБСОФКУНАК

Ду шоир дар сифоти шир
Ғазал гуфтанд пуртақсир.
Яке онро бигуфт испед,
Сияҳ гуфто дигар бо чид.
Мунаққид пас баромад кард,
Аз ину он даромад кард.
Дар охир дурри маънӣ суфт:
—Ба фикрам,
хар ду ҳам халқ! — гуфт.

## ДОВАР

Ба конкурси чаҳидан гар
Шавад Ғук ҳар куҷо довар,
Ҷаҳад Қурбоқа, бекаш, дур
Зи Шеру Оҳую Уштур.

## ИШҚИ ҲАВОӢ

Ҳаргиз надошта дӯст,
Ҳаргиз надошта ёр,
Аз ишқу аз муҳаббат
Доим нависад ашъор.

Аз ин сабаб ҳам ӯро
Ашъор бефурӯғ аст:
Ишқаш ҳама ҳавой,
Лафзаш ҳама дурӯғ аст.

## НАШУД ОДАМ

Дар ин ҷо ӯ калон гардид,
Ҳунар омӯхт пай дар ҳам.
Нигар, акнун чи сон ӯ мушт
Ба сӯи мо кашад ҳар дам.
Занад миз гоҳи ҳар маҷлис,
Гирифта гӯиё мотам.
Ҳама гӯянд дар шаънаш:
—Мудир ӯ шуд, нашуд одам!

## ЁФТ ТАДБИР

Рафиқе хост ин ки бинвисад шеър,
Шавад машҳур дар олам чу шоир.
Вале колои ашъораш ба бозор
Наёфт аз баҳри худ ҳаргиз харидор,
Дар охир фикр карда ёфт тадбир:
Ба девони бузурге шуд муҳаррир.
Фақат бо ин раҳу тарзи ягона
Намуд ӯ номи худро ҷовидона,

## БАЛЕ БАР ҶОНАМ!

Латтаи шеърат агар пахш кунам,
Об ҷорӣ шавад аз чашмонам.
Метавон ғарқ шуд андар он об,
Нашудам ғарқ.
Бале бар ҷонам!

## ҒУРБАТ ЧАТОҚӢ

Дар он ҷое, ки мо хизматгузорем,
Кунад Ғурбат Чатоқӣ низ хизмат.
Аз ӯ мо ҷумла нангу ор дорем,
Бувад сар то ба по нуқсону иллат.

Аз ӯ суде набошад ҳеҷ бар кор,
Вале дар ғайбату бухл аст моҳир.
Нависад номаҳои шиква бисьёр,
Ки кас дар тафтиши онҳо шавад пир.

Даҳонаш ҳаст баски бефаровез,
Ҳама гиранд аз ӯ худро канора.
Ба ҳар ҷамъомаду маҷлис чу воиз
Кунад эрод нутқи пуршарора.

Зи дарьё хушк доим мебарояд,
Ба наздаш ҳаст шайтон алҳазаргӯ.
Калонро дида побусӣ намояд,
Вале бар хурд нанмояд назар ӯ.

Ба пушт афканда гардад бо назора
Ба ҳар ҷо ӯ шикояттӯрбаашро.
Надорад ҳақ ягон кас дар идора
Бигӯяд, пишт ҳатто гурбаашро.

Басо ёру рафиқон додгӯён
Зи мо рафтанд монда зери таъқиб.

Вале Ғурбат Чатоқӣ гашта шодон,
Занад қарсак зи пас чун шахси ғолиб

Шунидам дина ман аз ошное,
Қалон гардад Чатоқӣ дар дигар ҷо.
Чунин бошад фақат роҳи раҳое
Аз ин ашхос бар устокалонҳо.

## ҶАБР БАР МО МЕКУНАНД

Соҳили наҳри Душанбе солҳо
Сайргоҳи беҳтарини шаҳр буд.
Як тараф сабза буду нуру сафо,
Як тараф боғу баҳори хушнамуд.

Хониши оркестри мурғони ҳаво
Бо садои шӯхи дарьё гашта ҷӯр,
Сомеонро дар тамоми фаслҳо
Мефизоид ишқу илҳому сурур.

Лек афсӯс ин ки рангу манзара
Ин замон дигар, тамоман дигар аст.
Дар саропои саробӯстондара
Ҳокими ҳарчу мараҷ фармонбар аст.

Ҷои сабза бинӣ, ҳар ҷо, ки равӣ
Шишаю пасмондаю паймонаро.
Ҷои хонишҳои мурғон бишнавӣ
Наъраҳои нохуши мастонаро.

Зери анбуҳи дарахтон як гурӯҳ
Даргиронида тамоми рӯз алав,
Хони худро то диҳанд авҷи шукӯҳ,
Бо ҳаёҳу мепазанд оши палав.

Сӯи пеш оби Душанбе ҷорӣ аст
Бо раҳи худ чун ҳамеша безабон.

Мебарад ахлоти сайёҳон ба шаст
То намояд пешкаш бар шаҳриён.

Баҳри чӣ миробҳои шаҳри мо
Бо чунин ҳолат муросо мекунанд?!
Бояд айнакро гиранд аз чашмҳо,
Варна бо ин ҷабр бар мо мекунанд.

## ЗОТИ БОДӢ

Агарчи нест ӯ арбоби давлат,
Надорад гарчи ҳеҷ ордену унвон,
Вале доим ба театру ба кино
Нишинад дар сафи пешу намоён.

Агарчи нест бемор.
Аз ҳама пеш
Равад бар Сочию Мисхор ҳар сол.
Ба пеши савлаташ оби Намангон
Намояд ях.
Забони кас шавад лол.

Ба тӯю сури мардум маслиҳатгар,
Гули ҳар сӯҳбат асту шамъи ҳар базм.
Ҳар он чи хоҳад ӯ пайдо намояд
Зи Қашмиру зи Бағдоду зи Хоразм.

Агарчанде пиёда ӯ дар илм аст,
Агарчанде намедонад забонро,
Валекин ҳар куҷо, ки рафт, ёбад
Ба осонӣ забони одамонро.

Аҷаб не ки шумо аз ман бипурсед:
—Кию чӣ кора худ ин зоти бодист?
Бигӯям:—Лутибоз исми шарифаш,
Маро ҳамсоя.
Дӯкондори одист.

## АНДАРЗҲО

Натарс асло агар чизи сияҳро
Бигӯӣ дар ҳама ҷо, ки сиёҳ аст.
Дурӯғу тӯҳмату саҳву хаторо
Бидида чашм пӯшидан гуноҳ аст.

Мадеҳ дил бар касе ки дил надорад,
Матои сидқ дар манзил надорад.
Бишав фарсангҳо дур аз рафиқе,
Ки як ҷав ҳиммат андар гил надорад.

Мазан лофу гизоф аз сарвату чиз,
Зи мошину зи ҳавлию зи сервиз.
Агар дорӣ қумоше аз ҳунарҳо
Раво бошад, ки бозораш кунӣ тез.

Ҳамеша ростгӯю ростдав бош,
Ба кӯҳназахмҳо дармони нав бош,
Ба боғи зиндагӣ бо хору хасҳо
Ба мисли дос ҳангоми дарав бош.

Сигор андар даҳон, сетор бар даст,
Хамида то камар мӯ, аз саҳар маст.
Ҷавониро чунин фаҳмидааст ӯ,
Дареғи ин ҷавонӣ, ин қаду баст!

Саропо худ ҳама нуқсу гуноҳ аст,
Ва бо ин сон «фазилатҳош» нозад.

Вале мӯе гуноҳи дигаронро
Чу бинад, дар ҷаҳон карнай навозад.

Фақат бинанд чашмонаш бадиро,
Расад танҳо ба гӯшаш доду фарьёд.
Фақат дастони ӯ гиранду надҳанд,
Фақат қалбаш ба ғайбат мешавад шод

Ҳар он ки бо маю бо шиша шуд ёр,
Ба ин дард он касе ки шуд гирифтор,
Кунад ёрони нав пайдо дар аввал,
Сипас гардад ҷудо аз хонаю кор.

Занонро мӯдарозу ақлкӯтоҳ
Ҳамегуфтанд мардон як замоне.
Чӣ бояд гуфт акнун мардҳоро,
Ки меварзанд касбӣ мӯймонӣ?

Ба назди мири ҷангалзор — худҳуд
Шикоят бурд зоғи пири фартут,
Ки булбул ҳар саҳар аз хоб бедор
Кунад ӯро ба савти нохуши худ.

Барои он ки Акка дод бар бод
Тамоми чормағзи боғи деҳро,
Варо карданд ҳамҷинсонаш аз боғ
Бадарға бар саробӯстони саҳро.

Замони мо замони компронист,
Замини мо биҳишти ҷовидонист.
Ҳар он ки лаккадор онро намояд.
Миёни мо ба вай имрӯз ҷо нест.

## НОСИПОС

*(Ба одаме, ки тарки Ватан кардааст)*

Равӣ ин замон бар ҷаҳони дигар,
Гирифта думи корвони дигар.
Равӣ то дар он ҷо ниёиш кунӣ,
Худои дигарро ситоиш кунӣ:
Худои пулу симу дурдонаро,
«Биҳишт»-и ватанҳои бегонаро.
Аз ин пеш будем ҳампеша мо,
Бидидем бо ҳам ғаму шодиро.
Сухан гарчи гуфтем дар як забон,
Набуд якдигарфаҳмӣ андар миён.
Бипарвард модар-ватан дар канор
Ки шояд варо ой рӯзе ба кор,
Калон гашта дар рӯи домони он,
Вале кардӣ туф бар намакдони он...
Тавон кард иваз дӯсту ёрро,
Тавон кард иваз хонаю корро.
Ватанро чӣ гуна намоӣ иваз,
Ки он ҳаст як то дар олам ба кас?!
Ватан бе ту ҳам созад арзи вуҷуд,
Тараққӣ кунад зери чархи кабуд.
Ту натвонӣ бе он вале зистан
На дар Тель-Авиву на дар Мавритан.
Шавӣ гарҷи машҳур Қорунсифат,
Шавӣ зор бар хоки он оқибат.
Гадои ватан будан андар ҷаҳон
Беҳ аз подшоҳӣ ба мулки касон.

## ЗУФУНУН

*(Ба Муҳаммад Осимӣ)*

Садри олимҳо Муҳаммад Осимӣ
Бурда гӯи сабқат андар олимӣ,
Бошад аз ал-ҷабру физика вуҳуф,
Файласуф бошад ба назди файласуф.
Хӯша аз ҳар хирмане дорад фузун,
З-ин сабаб гӯянд ӯро зуфунун.
Қони фазлу ганҷу ҳикматҳо бувад,
Доимо дасту сараш боло бувад
Ҳамчу устод Айнию Султон Умар
Бар замини илму гулзори ҳунар
Чашмаҳои нав ба нав ҷорӣ кунад,
Илми тоҷикро диришёрӣ кунад.

## ТАБЪИ РАСО ДОРАД

*(Ба Басир Расо)*

Расои мо мазоқи комилу табъи расо дорад,
Сари сабзу рухи шоду дили дардошно дорад.
Бувад аз хорҳои хорпуштак тезтар килкаш,
Фузунтар аз буруту мӯй ёру ошно дорад.
На танҳо Тоҷикистон аст ҷавлонгоҳи парвозаш,
Чу моку рафтуо дар Осиёю Аврупо дорад.
Миёни дӯстон дар ростгӯӣ шӯҳра гардидаст,
Ҳамеша бо дурӯғу бо дурӯғӣ моҷаро дорад.
Валиосо зи ҳар чиз аз ҳама аввал шавад воқиф,
Ту гӯӣ, дар бағал оинаи оламнамо дорад,
Зи баски хушкаломy рӯйгарму бозпешонист,
Ба ҳар ҷое ки бошад,
сурмасон дар дида ҷо дорад.
Саропо кони фазлу баҳри ишқу наҳри эҳсон
аст,
Расо пури Басир оё дар ин дуньё баҳо дорад?

## МУБОҲИСА

Як ҷавон хеста дар автобус
Ҷои худро бидод бар духтар.
Ҳама монданд дар тааҷҷуб аз ин,
Баҳс байни мусофирон шуд сар:

—Эҳтимол ин ки ошно бошанд?
—Не, накарданд пурсупос онҳо.
—Ё ки духтар ба вай бишуд маъқул?
—Ба гумон, ӯ бувад ҷавон ҳоло.

—Шояд аълочии дабистон аст?
—Ҳама аълочиҳо наянд ин хел.
—Падару модараш аҷаб не ки
Аҳли фазланду педагоги асил?

Истгаҳ шуд ва ин мубоҳисаро
Дод барҳам ҷавонаки содда,
Гашт маълум: бар фаромадан ӯ
Пешакӣ мешудаст омода.

# БА МУНАҚҚИДОНИ МАН

*(Аз В. Павлинов)*

Надорам дӯст рӯбин доваронро,
Суруди зуфунунӣ гарчи хонанд,
Вале дар умри худ сатре ҳам онҳо
Ба рӯи коғаз оварда натонанд.

Аз илми ғайб ҳам ҳастанд огоҳ,
Дурушту ҷиддӣ ҳар як чун худоянд
Намебахшанд ҷурми ҳеҷ касро,
Фақат бар айбҷӯӣ рӯзу шаб банд.

—Макун бар мошини дигар саворӣ!
—Самандатро нарон аз одамон пеш...
Зи баски аз ҳунар ҳастанд орӣ,
Ҳунарварро диҳанд озору ташвиш.

Ту, эй бадгӯи ман, носеҳи худсар,
Маломат гуфтаҳоямро напиндор.
Чи қадре беҳунар афтод довар,
Ҳамон қадр аст ҳукмаш нештардор.

## ҲАМТАЪЛИФ

Ба як чамъомади маҳдуд
Адибе низ ҳозир буд.
Адибе ки худаш танҳо
Асар нанвиштааст асло.
Рафиқе дорад ӯ ориф,
Ки бо вай хаст ҳамтаълиф.
Зи чӣ бошад, ба чамъомад
Рафиқи орифаш н-омад.
Даме доданд дар он ҷой
Суханро бар адиб, э вой,
Бишуд лол ӯ,
Сухан гум кард.
Қашида аз дил оҳи сард,
Ҳаминро гуфта битвонист,
Ки: «Ҳамтаълифам алъон нест.
Сухан гӯем ҳарду баъд
Ба фардоина чамъомад.»

# ҲАЗЛҲОИ РАФИҚОНА

## БА МИРСАИД МИРШАКАР

Менагунҷад қиссаҳои Миршакар
Дар ҷуволин кисаҳои Миршакар.
Баркашӣ абьёти шеърашро агар
Гардад аз вазну қади ӯ бештар.
Лек з-оби ҳаҷви тези ин адиб
Монда боғи «Хорпуштак» бенасиб.

## БА ҲОҶӢ СОДИҚ

Эй адиби зуллисонайни замон,
Дар фронти ҳаҷв сарбози асил,
Рӯҳи Ҷомию Навоӣ шод кун,
Қуп-қуп ёз, яхши-яхши, хел-хел.

## БА ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Ҳам хоҷии мо, ҳам амаки мо,
Ҳам ако, ҳам санги маҳаки мо,
Гар ӯ набошад як лаҳза бо мо
Гӯё намак нест дар табақи мо.

## БА ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Зи баски хӯрдаам оби Зарафшон,
Ба сар дорам шару шӯри фаровон.
Ба ман табъи равону суннати хос
Зи бобо-Рӯдакӣ мондаст мерос.

## БА АБДУЛМАЛИК БАҲОРӢ

Замини кишти эҷоди Баҳорӣ
Набинад ҳеҷ офат дар зимистон.
Аз ин рӯ дар дӯкони назму насраш
Бувад ҳам гандуму ҳам ҷав фаровон.

## БА СОҲИБ ТАБАРОВ

Табари Соҳиб Табар
Кунд шудааст магар?
Ҳезуми танқидро соз
Намебуррад кайҳо боз.

## БА АТАХОН САЙФУЛЛОЕВ

Чун саманди хомаатро сар ба майдон медиҳӣ,
Аз яке ҷон меситонӣ, бар — яке ҷон медиҳӣ:
Деги танқидат намонад, ҷӯраҷон,
яқ дам зи ҷӯш,
Баски оши панд аз он бар адибон медиҳӣ.

## БА АКОБИР ШАРИФӢ ВА МАСТОН ШЕРАЛӢ

Басо нишастам ман бо Акобиру Мастон
Ва дуд намудам ба ҳам ҷуволи табак.
Наёфтам зи таманно ба ҷуз каломи рост,
Наёфтам зи асарҳо ба ҷуз «Милиса-амак».

## БА ЗИЁДУЛЛО ШАҲИДӢ

Бастакор

Оҳангҳои шӯхи бисьёр менависам,
Гаҳ опера, гаҳ романс, гаҳ хор менависам.
Имдод агар насозад илҳоми саркаш, он гоҳ
Бар рӯзномаҳо ман ахбор менависам.

## БА ТОҲИР СОБИР

Кинорежиссер, Артисти Халқии РСС Тоҷикистон

Оқибат Зуҳраи ҳаётамро
Ёфтам ман дар олами кино.
Ҳар касе ки чу ман бувад собир,
Пазад охир зи ғӯрааш ҳалво,

## БА МУҲАММАД БОБОХУҶАЕВ

Профессор, доктори илми тиб

Буалӣ бувад пешам дар сулуки маҷнунӣ,
Донишам кунад акнун аз Арасту афзунӣ.
Гашт ҳосилам, ёрон, шавкати фалотунӣ.
Дар Душанбе ҳам ин
дам гиру дори Юнон шуд.

## БА ЗЕБУННИСО РУСТАМОВА

Чемпионкаи мутлақи Иттифоқи Советӣ

Тирҳои хешро Зебуннисо
Рустамосо мерасонад бар нишон.
Пою гӯши оҳуро бо тири худ
Метавонад дӯхтан дар як замон.
Ку ҳакими тусии достонсаро,
То ба васфи ӯ нависад достон?!

## БА БӮСТОН СУЛАЙМОНОВА

Сардори бригадаи совхози «Озарбойҷон», районн Қуйбышев

Эй ғунчаи хандони мо, аз бӯстони кистӣ?
Эй фахри куйбышевиҳо, аз дӯстони кистӣ?

Дерест дар майдони фатҳ аз ноз ҷавлон мекунӣ,
Байроқи тобони сари кӯҳистони кистӣ?

### БА ҶӮРАБЕК МУРОДОВ

Артисти Халқии Иттифоқи Советӣ

Номи ӯро бар даҳон гирӣ даҳон пур мешавад,
Аз сурудаш осмони тоҷикон пур мешавад.
Аз замин нонрезаҳоро чида мемолад ба чашм,
З-ин сабаб ҳам хонаю хонаш зи нон пур мешавад.

## МУНДАРИЧА

Хушхонӣ кунем . . . . . . 3
Даст дастро мешӯяд . . . . 3
Солнома . . . . . . . . 4
Ба хоки пои ту зор шавад . 5
Ҳаким . . . . . . . . . 6
Конкурс . . . . . . . . 7
Қиссаи телефон . . . . . 8
Нишалло . . . . . . . . 8
Се соату чор . . . . . . 9
Сарв . . . . . . . . . 10
Айни муддао шуд . . . . 11
Ҳашари мушон . . . . . 11
Бабри тақлидкор . . . . . 12
Қулла . . . . . . . . . 12
Мазори ғамфизо . . . . . 13
Ду кара ду . . . . . . . 14
Дарди сар харидам . . . . 15
Лапарҳои Хорпуштак . . . 16
Аҳмади муғамбир . . . . . 17
Се рӯз даврони ман аст . . 8
Соли нав мурак бошаде ! . . . 19
Рӯбоҳи графоман . . . . 22
Ба дӯстони нонӣ ва забонӣ . 23
Чӣ гап шуд? . . . . . . 24
Беҳунар . . . . . . . . 24
Қисаю косаи ту пур нашавад 25
Умри фашизм кӯтоҳ аст . . . 26
Санги мармар . . . . . . 27
Нашуд . . . . . . . . . 28
Булбулу зоғ . . . . . . . 29
Ба ҷои қадаҳ . . . . . . 30

Ошнохо зинда бошанд . . . 32
Суруди усто-макомчӣ . . . . 32
Заргар . . . . . . . . . 34
Ба пири матбуоти точик 35
Ба усто-Исрофил Бозорӣ . . 35
Зан ва шавҳар . . . . . . 36
Ходими нозукбаёни Хорпушт 37
Саломи дӯстон . . . . . 37
Овораи ду ҷаҳон . . . . 38
Амини бозор . . . . . . . 38
Рафиқи мо ба Аврупо сафар
кард . . . . . . . . . . 39
Фурӯшандаи дипломдор . . 40
Ҷуволи холӣ . . . . . . . 41
Аккаи нотиқ ва зоғи сиёҳ . 42
Мурғи курк . . . . . . . 43
Дарбеҳи асри куҳан . . . 44
Агар гӯям . . . . . . . 45
Нашуморанд каси соҳибдил . 46
Қалбуз ва шер . . . . . 46
Бӯр ва латта . . . . . . 47
Мунаққид дар тӯй . . . . 48
Ба одаме, ки дил надорад . 49
Ҷӯраи номеҳрубон . . . . 50
Оҳиста-оҳиста . . . . . 51
Дӯсте дорам . . . . . . 51
Оқибати ман-манӣ . . . . 52
Ба доди чорво расед. . . . 53
Таъна мазан . . . . . . . 54
Тир ба ҷои шир . . . . . 55
Ман намемирам . . . . . . 56
Шукрона . . . . . . . . 57
Наравад ёди ту ҳеҷ аз ёдам 58
Ҳомӯш . . . . . . . . . 59
Дар дилам . . . . . . . 60

Ҷав лӯндатар аст . . . . . 61
Ихтисори штат . . . . . . 6'
Уштур ва такка . . . . . 63
Аҳли рикоб . . . . . . . 64
Гувоҳнома . . . . . . . . 65
Буқаламун . . . . . . . . 65
Шоир ва мунаққид . . . . 66
Нутқи куку . . . . . . . 67
Не ину на он бошад . . . 67
Яке аз рӯзҳо . . . . . . . 68
Агар донӣ . . . . . . . . 69
Булбул ва чуғз . . . . . . 70
Гӯем: ҷаҳон-ҷаҳон муборак! 72
Аҳмади порина . . . . . . 73
Бузи айнакдор . . . . . . 74
Дӯстгонӣ . . . . . . . . . 75
Андеша кун . . . . . . . 76
Шуд-шуд, нашуд-нашуд . . 76
Муаммои маркаб . . . . . 77
Зиҳӣ, давлат! . . . . . . 78
Шоир, бародар, кадхудо . . 79
Ошиқу маъшуқ бошам . . . 80
Қиссаи роҳ . . . . . . . . 81
Эпиграммаҳо . . . . . . . 83
Ғурбат чатоқӣ . . . . . . 92
Ҷабр бар мо мекунанд. . . 94
Зоти бодӣ . . . . . . . . 96
Андарзҳо . . . . . . . . . 97
Носипос . . . . . . . . . 99
Зуфунун . . . . . . . . . 100
Табъи расо дорад . . . . . 101
Мубоҳиса . . . . . . . . . 102
Ба мунаққидони ман . . . . 103
Ҳамтаълиф . . . . . . . . 104
Ҳазлҳои рафиқона . . . . . 105

*БОБО ХОДЖИ*

**УСЛУГА ЗА УСЛУГУ**

(на таджикском языке)

Муҳаррир М. Ҳотамов
Муҳаррири ороиш Т. Королёва
Муҳаррири техникӣ Е. Цынн
Мусаҳҳеҳ М. Сироҷева

БИ № 718

Ба матбаа 01. 07. 81 супурда шуд. Ба чопаш 05. 11. 81 имзо шуд. ҚЛ 01342. Формати 70×90 1/32. Қоғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 4,1. Ҷузъи рангаи шартӣ 43,830 ҳазор. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,22. Адади нашр 10 000. Супориши № 2051. Нархаш 40 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

48554

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

40 тин

НАШРИЁТИ «ИРФОН»